Наврӯз муборак!


ТОҶИКИСТОН

№ 11 (1676), 18.03.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ОТАХОН ЛАТИФӢ

ҲАМЕША ХОКИ ВАТАНРО БО ХУД МЕГАРДОНИД



ДАР ИН ШУМОРА:

НАВРӮЗ
Дар куҷо ва чӣ гуна тағлил мешавад? с.2

ЭРОН
Аз изҳороти сафир то кумаки Тоҷикистон с.4

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ
Ҷашне, ки тасаввуротро дигар кард с.7

АФЗОИШИ ТИҶОРАТ
Байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон с.5

ТАҲСИЛИ 12-СОЛА
Масъулин мушкили онро гуфтанд с.3

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
Хештаншиносу равшанфикр с.13

КАНЗИ ШИФО
Фоидаи суманак ба саломатӣ с.12

ВАРЗИШ
Тоҷикистон барои рақобат омода мешавад с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ДАР КУҶО ВА ЧӢ ГУНА ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?

Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз, ки аксаран ҳудуди як ҳафта идома мекунад, дар ҳама шаҳру навоҳии кишвар бо иштироки сокинон як қатор мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ баргузор мешаванд.

ДУШАНБЕ

Имсол чорабинии асосии ҷашни Наврӯз дар сатҳи ҷумҳурӣ дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад. Ҷашн дар “Наврӯзгоҳ”, соати 19:00 бо баргузории барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ таҷлил мегардад.

Маросими истиқболи Наврӯз соати 4:00-и субҳи 21-уми март аз баландтарин нуқтаи шаҳр - Боғи Ғалаба оғоз мешавад. Дар ин соат аз чаҳор гӯшаи шаҳри Душанбе корвони Наврӯзӣ вориди пойтахт гардида, дар назди мақбараи Исмоилӣ Сомонӣ гирдиҳам меоянд.

Инчунин, имсол ҷашни Наврӯз дар пойтахт аз 19-ум то 28-уми март бо чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ ва барномаи консертӣ таҷлил мешавад. Дар ин рӯзҳо ҳар рӯз дар 4 ноҳияи шаҳр чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мешаванд.

Ҳамчунин дар шаҳри Душанбе ба муносибати ҷашни Наврӯз “Ҷашнвораи Наврӯзи Душанбе” (“Dushanbe Navruz Fest) баргузор мешавад. Он рӯзи 4-уми апрел соати 15:00 дар “Наврӯзгоҳ”-и пойтахт оғоз гардида, то соати 22:00 идома меёбад.

Дар ҷашнвора ҳунармандони дохилӣ ва хориҷӣ ҳунарнамоӣ карда, намоиш ва фурӯши маҳсули ҳунарҳои мардумӣ, таомҳои миллӣ ва ширинӣву нӯшокиҳо дар назар аст.

Ба ғайр аз ин, барои меҳмонони ҷашнвора барномаҳои гуногуни фароғатӣ, аз ҷумла бозиҳои варзишӣ ва зеҳнӣ, озмунҳо, намоишҳои театрӣ, гӯшаи аспсаворӣ ва барои фароғати кӯдакон майдончаҳои махсус ташкил мешавад.

ХАТЛОН

Дар вилояти Хатлон чорабиниҳои асосии наврӯзӣ дар шаҳри Бохтар рӯзи 21-уми март, соати 9:00 барпо мегарданд. Илова бар ин, аз 22 то 25-уми март шаҳру ноҳияҳои ин вилоят Наврӯзро таҷлил мекунанд. Дар ин рӯзҳо дар як қатор шаҳру навоҳии вилоят чорабиниҳо ба нақша гирифта шудаанд:

- 22-юми март дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин ва Носири Хусрав;

- 23-юми март дар шаҳру ноҳияҳои Левакант, Норак, Данғара, Ёвон, Кӯшониён, Қубодиён, Муъминобод, Ҷайҳун, Панҷ, Хуросон ва Дӯстӣ;

- 24-уми март дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Балҷувон, Шаҳритус, Фархор, Ҳамадонӣ, Темурмалик ва Абдураҳмони Ҷомӣ;

- 25-уми март дар ноҳияҳои Вахш ва Восеъ.

СУҒД ВА ВМКБ

Дар Суғд чорабинии асосии Наврӯз рӯзи 21-уми март дар Қалъаи Хуҷанд ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) рӯзи 23-юми март дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Хоруғ баргузор мегардад.

Наврӯз имсол дар Тоҷикистон 20-уми март, соати 19:45:53 ба вақти Душанбе фаро мерасад.

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимаи халқи тоҷик буда, ҳамасола дар Тоҷикистон ва кишварҳои зиёди дигар, аз ҷумла Эрон, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба таври густурда таҷлил мешавад. Ба ифтихори он дар ҳама шаҳру навоҳии Тоҷикистон бо иштироки сокинону мансабдорон чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ баргузор мешаванд.

Ин ҷашн ба Мероси фарҳангии ғайримоддии башарияти ЮНЕСКО дохил шудааст. Соли 2010 СММ 21-уми мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон кард.

САРИ САБЗ



Қурбон СОБИР,
Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон

- Мо ҳунармандон ҳар нақшеро, ки мебозем, бояд аз он касбу кор ва ҳирфа чизе дар худ дошта бошем. Фаразан, агар ту дар нақши муштзан - каме аз муштзанӣ, агар нуҷумшинос - каме аз нуҷумшиносӣ нишоне бояд дошта бошӣ.

- Эҳа, директори Муассисаи давлатии "Тоҷикфилм" Маҳмадсаид Шоҳиён аз муштзаниву нуҷумшиносӣ чизе надошт, ки ичрои нақши Ҷомиро ба ӯ раво надиданд чӣ?



Зебо Нурова,
сарояндаи саршиноси тоҷик

- Имрӯз сарояндагони ҷавон бештар ба зоҳири худ ва ритми суруд диққат медиҳанд, на ба маъно. Баъзан ин ҳолат маро ғамгин мекунад, аммо асабӣ не, зеро бовар дорам, санъати ҳақиқӣ аз байн намеравад. Шунавандаи зирак ҳамеша суруди пурмаъниро мешиносад.

- О, ҳоло қисми зиёди шунавандагон ба зоҳиру ритми суруди сарояндагони ба қавле “ситора” диққат медиҳанд ку! Пас, номутавозинии сурудҳои бемаъно ва пурмаънӣ моро ҳам асабӣ бояд кунад, ҳам ғамгин...



Амир Холматов,
рассоми ҷавони тоҷик

- Чанд афсонаро боз хондам, “Гурзод” ва “Духтари ҷасур” аввалинҳо буданд. Бо шавқу завқ гӯш мекардам он лаҳзаҳоеро, ки вақте духтар аз деви сесара мегурехт... Шояд касе бобо ё бибии хуби афсонагӯ дошта бошад. Ҳар гуна ёрӣ барои ман хеле арзишманд аст.

- Ҳаҳаҳах, фикр мекунед ҳоло миёни ҷавонон тимсоли девҳои сесара каманд? Бобову бибиҳои имрӯза худашон аз деви сесара чакримҳо роҳ мегурезанд, барои ҳамин, ёрӣ расониданашон ба шумо дар гумон аст.

ҶАШНЕ, КИ ТАСАВВУРОТРО ДАР БОРАИ ТОҶИКОН ДИГАР КАРД

13-уми марти соли 2026 дар Толори бузурги Консерваторияи давлатии Москва ба номи П. И. Чайковский бахшида ба 80-солагии бастакори барҷастаи тоҷик Толибхон Шаҳидӣ консерт бо иштироки Оркестри муштараки Театри Калони Москва ва Театри Мариинский таҳти роҳбарии Валерий Гергиев баргузор гашт. Ин консерт на танҳо рӯйдоди мусиқӣ, балки як падидаи нодири фарҳангӣ буд, ки дар он анъанаҳои дерина бо тафаккури муосир, зеҳниёти баланд, бо эҳсоси нозуки ҳунар ва баёни камназири эҷодӣ ба ҳам омаданд. Ин шом саҳнае гардид, ки дар он мусиқӣ на танҳо садо медод, балки меандешид, эҳсос мекард ва бо умқи худ бо шунаванда гуфтугӯ менамуд.



13-уми марти соли 2026. Саҳни ҳавлии Консерваторияи давлатии Москва ба номи П. И. Чайковский. То оғози консерт ҳанӯз вақт зиёд буд. Суҳбати одамони ҷамъомада гувоҳӣ медод, ки ин шом ғайримаъмулӣ хоҳад буд. Аҳли зиёи Москва, бастакорон, дирижёрон, профессорон, намояндагони элитаи фарҳангии Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон ва дилбастагони мусиқии академӣ ҷамъ омада буданд. Суҳбатҳо ором, аммо пурмазмун буданд. «Ӯ танҳо мусиқии шарқӣ намеофарад. Ӯ бо тафаккури симфонӣ, бо забоне, ки марзҳоро намешиносад, андеша меронад”,- мегӯяд дар суҳбат бо ман мусиқишиносе. «Шаҳидӣ дигар макон, ном нест, ӯ сатҳ, меъёр аст»,- ба сухани ӯ ҳамроҳ мешавад ҳамшафаташ.

Ин суҳбатҳо мисли як оҳанги ниҳон ба дохили бино, ба долонҳои Консерватория мекӯчанд, ба фазое, ки деворҳояш ҳанӯз садои Шостаковичу Прокофевро дар хотира нигоҳ медоранд. Он ҷо дар бораи моҳияти мусиқӣ, мактаби миллӣ, то кучо идома ёфтани анъана ва ба замони муосир даромехтани онҳо сухан мерафт. Фазо бо ин гуфторҳо мепайваст ва ҳар ҷумла мисли як нота дар ин оркестри андеша садо медод.

Гурӯҳе аз меҳмонон дар манзили дуюми толори пазироӣ гирди мизе ҷамъ омада буданд, ки рӯи он шумораи махсуси ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва китоби «Агар...» (Если...), ки ба 80-солагии Толибхон Шаҳидӣ бахшида шудаанд, қарор доштанд.

Онҳо саҳифаҳои рангини китобро бо эҳтиёт варақ мезаданд, мехонданд, таваққуф мекарданд ва перомуни он бахс меоростанд. Гарчанде матн барои бисёриҳо нофаҳмо буд, аксҳои гӯё ба ҷойи матн сухан мегуфтанд. Онҳо дорои забони зинда буданд, забони хотира ва таърих. Таваҷҷуҳи махсусро аксҳои ҳофизони маъруфи тоҷик аз ибтидои асри XX ҷалб мекарданд. Аксари онҳо аз шаҳри бостонии Самарқанд, ки падари соҳибҷашн - Зиёдуллоҳ Шаҳидӣ дар он ҷо ба дунё омадааст, гирд оварда шуда буданд. Ин тасвирҳо на танҳо чеҳраҳо, балки як давра, як муҳит, як фазои фарҳангиро зинда мекарданд.

Яке аз ҳозирин ногаҳон бо ҳаяҷон гуфт, ки дар миёни аксҳо модараш София Бадалбоеваро мебинад. Дигаре, ки русзабон буд, вале забони тоҷикиро хуб медонист, матнҳоро барои атрофиён тарҷума мекард. Гӯё худи китоб ба гуфтугӯи зинда табдил ёфта буд.

- Чаро ин китоб ба забони русӣ нест?,- савол дод яке аз меҳмонон.

Ин лаҳза муаллифи китоб пайдо шуда, бо табассум ҷавоб дод:

- Тарҷума вақт мехоҳад...

Ҳозирон фавран гирди ӯ ҷамъ омаданд. Суолҳо, эҳсосот, хоҳиши гирифтани соядаст... Фазо гарм шуд, китобҳо аз даст ба даст мегузаштанд.

Лаҳзае сипарӣ нашуда, аз тӯдаи китобҳо чизе боқӣ намонд.

«Ин китоб танҳо кӯшиши дарки шахсияти Толибхон Шаҳидӣ ва падари ӯ нест”,- гуфт яке аз меҳмонон, саҳифаҳои онро бо диққат варақ зада. “Китоб гуфтугӯи писар бо падар, бо мусиқӣ ва бо вақт аст»,- илова кард зани солдидае, ки шумораи махсуси рӯзномаи «Тоҷикистон»-ро дар даст дошт.

(Давомаш дар саҳ. 7)

СУҒД ДАР САФИ ПЕШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ

Дар моҳи январи соли ҷорӣ қариб 70 дарсади маҳсулоти саноатии кишвар дар вилояти Суғд истеҳсол шудааст.

Дар сохтори умумии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии чумҳурӣ ҳиссаи дигар минтақаҳо чунин аст: вилояти Хатлон - 17%, шаҳри Душанбе - 9%, ноҳияҳои тобеи марказ - 6,6% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 0,3%. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар чумҳурӣ 507,87 сомонӣ рост меояд. Агар ин нишондиҳанда дар доираи минтақаҳо таҳлил шавад, вилояти Суғд бо 1206 сомонӣ ба ҳар сари аҳолӣ пешсаф мебошад. Дар ҳамин ҳол, ин нишондиҳанда дар шаҳри Душанбе 379,82 сомонӣ, дар вилояти Хатлон 239,78 сомонӣ, дар ноҳияҳои тобеи марказ 156,01 сомонӣ ва дар ВМКБ 67 сомонию 37 дирамро ташкил медиҳад.

ЁВОН: ИФТИТОҲИ КОРГОҲҲОИ НАВ ДАР АРАФАИ НАВРӮЗ

Дар доираи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз дар ноҳияи Ёвон як қатор коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар маросими ифтитоҳ раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид иштирок намуда, бо фаъолияти иншооти нав аз наздик шинос гардид.

Аз ҷумла, бо ташаббуси ҶДММ «Хуршеди Асадулло» коргоҳи истеҳсоли бетони сохтмонӣ бо маблағи 1,8 миллион сомонӣ бунёд шудааст. Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як шабонарӯз 350 метри мукааб бетонро ташкил дода, барои қонеъ намудани талаботи бозори маҳаллӣ ва суръат бахшидан ба корҳои сохтмонӣ мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади таъмини фаъолияти босамари коргоҳ як адад техникаи соҳавии мехлопата ва ду адад автомиксер барои интиқоли бетон харидорӣ гардидааст. Корҳои сохтмонӣ ва васлу насби таҷҳизот пурра ба анҷом расонида шудаанд.

Зимни шиносоӣ бо имкониятҳои коргоҳ Давлаталӣ Саид иқдоми соҳибкоронро дар самти рушди истеҳсолоти ватанӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти иқтисодии ноҳия баланд арзёбӣ намуд.

МУШКИЛИ ГУЗАРИШ БА ТАҲСИЛИ 12-СОЛА

Дар як мизи гирд оид ба гузариш ба низоми нави таҳсил муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Равшан Каримзода гуфт, ки мушкили асосии ҷорӣ кардани он норасоии ҷой дар мактабҳо мебошад.



Ба гуфтаи ӯ, ҳоло дар ҷумҳурӣ тақрибан 250 ҳазор кӯдаки шашсола ҳастанд. Ин дар ҳолест, ки муассисаҳои таълимӣ метавонанд танҳо тақрибан 66 ҳазор нафарро қабул кунанд. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ, 184 ҳазору 640 кӯдак (ё 73,7 фоиз) метавонанд бо камбуди ҷой рӯ ба рӯ шаванд. Яъне мактабҳо танҳо барои тақрибан 26 фоизи кӯдакони шашсола ҷой доранд.

Каримзода таъкид кард, ки гузариш ба низоми 12-сола бояд марҳила ба марҳила амалӣ шавад. Ба гуфтаи ӯ, барои ин омодасозии омӯзгорон, бозомӯзии кадрҳо, таъмин бо китобҳои дарсӣ, навсозии барномаҳо ва стандартҳои таълимӣ, зиёд кардани синфхонаҳо ва беҳтар кардани инфрасохтори мактабҳо зарур аст.

Муовини раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ бошад, гуфт, ки гузариш ба таҳсилоти 12-сола барои мутобиқ шудани низоми маорифи кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ зарур аст. Ба гуфтаи ӯ, ҳанӯз соли 1992 дар асоси эъломияи Шурои Аврупо тақрибан 150 кишвар ин низомро дастгирӣ карда буданд ва имрӯз он дар зиёда аз 180 давлат амал мекунад.

«Таҳсил бояд аз шашсолагӣ оғоз шавад ва ҳамзамон сарборӣ ба хонандагон ва омӯзгорон бояд кам карда шавад»,- гуфт ӯ.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф ва фарҳанг Барно Саидвализода таъкид кард, ки низоми нав барои онҳое, ки мехоҳанд таҳсилашонро дар хорича идома диҳанд, имкониятҳои бештар фароҳам меорад. Ба гуфтаи ӯ, дар бисёр кишварҳо кӯдакон таҳсилро дар синни 5 то 7-солагӣ оғоз мекунанд ва дар 25 давлат ҳатто низоми 13-солаи таҳсил амал мекунад.

Истеъфои мансабдори ИМА дар эътироз ба ҷанг алайҳи Эрон

Ҷозеф Кент, раиси Маркази миллии мубориза бо терроризми Амрико дар эътироз ба ҷанги Иёлоти Муттаҳида алайҳи Эрон аз мақоми худ истеъфо додааст. Ӯ моҳи феврали соли 2025 ба ин вазифа таъин шуда буд.



Кент 17-уми март дар саҳифаи "Х"-аш навишт, ки "ман наметавонам бо вичдони ором аз ҷанги кунунӣ бо Эрон пуштибонӣ кунам". "Эрон барои кишвари мо ҳеҷ таҳдиди фаврие эҷод накарда буд. Маълум аст, ки мо ин ҷангро аз сабаби фишори Исроил ва лоббии пурқудрати амрикоии он оғоз кардем",- илова кардааст ӯ.

Номбурда дар идома аз собиқаи "11 маротиба ба майдонҳои ҷанг" фиристода шудани худ ва кушта шудани ҳамсараш Шеннон Кент ёдовар шудааст. Ҳамсари ӯ афсари Нерӯҳои дарёии Амрико буд ва соли 2019 дар ҷанг зидди ДОИШ дар шаҳри Манбиҷи Сурия кушта шуд.



Интиқоди Трамп аз НАТО

Доналд Трамп, президенти Амрико гуфт, ки бисёре аз ҳампаймонҳои ИМА дар НАТО гуфтаанд, хоҳиши иштирок дар амалиёти низомӣ алайҳи Эронро надоранд. Ӯ ин иқдомро "хатое бисёр аҳмақона" хонд.

Президенти Амрико рӯзи 17-уми март дар паёме дар шабакаи иҷтимоии Truth Social навишт: "Кишварҳои узви НАТО аз ҷанги якҷояи Амрико ва Исроил, ки акнун вориди ҳафтаи севум шудааст, ҳимоят мекунанд, аммо намехоҳанд дар он иштирок дошта бошанд".

Пас аз он ки Эрон дар посух ба ҳамлаҳои Амрико ва Исроил бо истифода аз паҳподу мушак ва минаҳо амалан ҳаракати нафткашҳоро дар тангии Ҳурмуз баст, раисҷумҳури Амрико аз кишварҳо хост дар таъмини амнияти ин оброҳа ёрӣ кунанд, вале муттаҳидони Амрико дархости Трампро барои ҳимояти низомӣ рад карданд.



ШАҲҲОДАТИ АЛИИ ЛОРИҶОНӢ ДАР ПАЙИ ҲАМЛАИ АМРИКОВУ ИСРОИЛ

Мақомоти Эрон тасдиқ карданд, ки Алии Лориҷонӣ, дабири Шурои амнияти миллии ин кишвар ва Ғуломризо Сулаймонӣ, фармондеҳи нерӯи Басиҷ дар ҳамлаи Исроил кушта шудаанд.

Дар бораи кушта шудани ин ду фармондеҳи баландпояи эронӣ нахуст Исроил Катс, вазири дифои Исроил 17-уми март хабар дода буд. Шурои амнияти миллии Эрон қариб 12 соат баъд кушта шудани Алии Лориҷониро тасдиқ кард.

Лориҷонӣ зиёда аз чор даҳа дар сатҳи баландтарини сохтори ҳокимияти Ҷумҳурии Исломӣ фаъол будааст. Номи ӯ пайваста бо нуқтаҳои ҳассосу баҳсноки таърихи муосири Эрон - аз музокироти ҳастаӣ то вокуниш ба эътирозот пайванд хӯрдааст.

Аммо баъди оғози ҷанги Амрикову Исроил дар Эрону кушта шудани Алии Хоманаӣ, раҳбари Ҷумҳурии Исломӣ садои ӯ пурикатар аз пеш шунида мешуд. Ӯ ба ҳар як таҳдиди Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико ва ҳампаймонҳои ӯ қатъӣ вокуниш мекард.

Ахиран Амрико номи ӯро шомили феҳристе кард, ки барои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо то 10 млн доллар мукофот дода мешавад.

Алии Лориҷонӣ соли 1957 дар шаҳри Наҷафи Ироқ, дар хонаводаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. Пас аз инқилоби соли 1979 Лориҷонӣ ба Созмони садо ва симо (радио ва телевизион) пайваст ва солҳои 1981-1982 раиси воҳиди марказии хабар буд. Сипас, ба Сипоҳи посдорон рафта, то соли 1991 ба мақоми ҷонишини раиси ситоди муштарак расид. Дар ҳукумати Рафсанҷонӣ Лориҷонӣ вазири фарҳанг ва иршод (1992-1993) шуд. Пасон, 10 сол (1994-2004) Созмони садо ва симоро роҳбарӣ кард. Соли 2005 котиби Шурои олии амнияти миллӣ таъин шуд. Соли 2008 Лориҷонӣ дар интихоботи Маҷлиси Шурои исломӣ (парлумон) аз ҳавзаи интихоботии Қум ба маҷлис роҳ ёфт ва раиси Маҷлис шуд. Ин мансабро аз соли 2008 то соли 2020 дар даст дошт.

Ҳақиқиён:

СОДИРОТУ ВОРИДОТ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭРОН ФАЪОЛ АСТ

16-уми март дар Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон аввалин нишасти матбуотии сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Алиризо Ҳақиқиён пас аз ҳамлаи Амрикову Исроил ба ин кишвар баргузор гардид.



Сафири Эрон дар оғози суҳбат ба Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик барои дастгирӣ ва ҳамдардие, ки дар рӯзҳои ахир нисбат ба мардуми Эрон нишон додаанд, изҳори сипос намуд.

Ба гуфтаи ӯ, аз оғози даргириҳо дар минтақа шаҳрвандони Тоҷикистон бо паёмҳои ҳамдардӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар канори мардуми Эрон буда ва ба онҳо рӯҳия додаанд: "Аз шуруи ин ҷанг тоҷикон дар канори эрониҳо истода ва бо паёмҳои ҳамдардӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ рӯҳияи мардуми моро хеле боло бурданд. Мо як миллат ҳастем ва дар ғаму шодии ҳамдигар дар канори ҳам қарор дорем".

Сафир дар идомаи нишаст ба вазъи кунунии амниятӣ дар минтақа ишора карда, ин даргириҳоро "Ҷанги рамазонӣ" номид. Ӯ таъкид кард, ки Эрон ҳеҷ гоҳ оғозкунандаи ҷанг набуд, аммо ҳамеша ба ҳар гуна таҳдид дар ҳолати омодабош қарор дошт.

Алиризо Ҳақиқиён ҳамчунин бо такрори ибораи "хиёнатҳои пайдарпайи дипломатӣ" Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро интиқод кард ва гуфт, ки ин кишвар борҳо ба қавонини байналмилалӣ ва равандҳои дипломатӣ беэътиноӣ нишон додааст: "Эрон шуруъкунандаи ҷанг набуд. Аммо ҳеч гоҳ фиреби Амрикоро нахӯрд. Мо ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор доштем, зеро медонистем, ки Амрико ба дипломатия эътиқоди воқеӣ надорад".

Ба гуфтаи ӯ, таъкиди пешакии мақомоти эронӣ - дар сурати ҳамла ба ҷанги минтақаӣ табдил додани даргирӣ аз он дарак медод, ки Эрон ба дипломатияи Амрико боварие надошт.

Дар посух ба суоли рӯзноманигорон дар бораи таъсири вазъи сиёсӣ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар, сафир таъкид кард, ки робитаҳои тиҷоратӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон бидуни мушкил идома доранд.

"Тамоми содироту воридот фаъол аст. Дар ин хусус мо ҳеч гуна нигаронӣ надорем",- гуфт сафир.

КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА БА МАРДУМИ ЭРОН

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми дӯсту бародари Ҷумҳурии Исломии Эрон кумаки башардӯстона ирсол гардид.

Ёрии башардӯстонаи Тоҷикистон дар ҳаҷми 3610 тонна бор, аз ҷумла аз 45 тонна дорувориҳои, маводи зиёди санитарию беҳдоштӣ, сарулибоси кӯдакона, анвои гуногуни хӯрокворӣ, ашёи рӯзгор, рахти хоб, хаймаҳо, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар лавозимот иборат аст.

Корвони ёрии башардӯстонаи Тоҷикистон бо 110 мошини пурбор рӯзи 18-уми март ба ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон раҳсипор шуд ва ба зудӣ дастраси мардуми ниёзманд дар кишвари дӯсту бародар мегардад.



АЗ 238 МЛН $ ТО 912 МЛН $

Солҳои охир робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон афзоиш ёфтааст. Аз соли 2017 то 2025 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот байни ду кишвари ҳамсоя аз 238 миллион доллар ба 912 миллион доллар расидааст. Таҳлилгарон ба ин назаранд, ки дурнамои ҳамкории минбаъда низ умедбахш аст.



ДУРНАМОИ ҲАМКОРИИ ДУ КИШВАР

“Ӯзбекистон - Тоҷикистон: дурнамои нави иттифоқчигӣ ва ҳамкории минақавӣ” - таҳти чунин унвон ҳафтаи гузашта дар шаҳри Тошканд конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ доир гардид. Конфронс аз ҷониби Донишкадаи байналмилалии Осиёи Марказӣ ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон созмон дода шуд. Намояндагони сохторҳои давлатӣ, корпуси дипломатӣ, коршиносон ва доираҳои академии ду кишвар дар он ширкат варзиданд.

Дар конфронс зикр шудааст, ки аз соли 2017 то 2025 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 3,8 баробар афзуда, аз 238 миллион доллар то 912 миллион доллар расид. Воридот ба Тоҷикистон 3,7 баробар ва содирот аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон зиёда аз 4 баробар зиёд шуд.

Хайриддин Усмонзода, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон дар конфронс изҳор доштааст, ки таҳкими муносибатҳои иттифоқӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон омили муҳими таъмини субот ва рушди устувори Осиёи Марказӣ мебошад.

Ба гуфтаи ӯ, ҳамкорӣ байни ду кишвар пайваста густариш ёфта, соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиёту логистика, энергетика, маориф ва фарҳангӣ-гуманитариро фаро мегирад.

Хуршед Асадов, муовини директори Маркази тадқиқоти иқтисодӣ ва ислоҳоти Ӯзбекистон гуфтааст, ки агар Тоҷикистон воридоти худро аз кишварҳои сеюм бо маҳсулоти Ӯзбекистон иваз кунад, гардиши мол метавонад боз 30-40% афзоиш ёбад. Ин омил барои густариши ҳамкории тиҷоратӣ ва афзоиши рақобатпазирии ду кишвар аҳамияти стратегӣ дорад.

Таҳлили конфронс нишон додааст, ки рушди ҳамкории саноатӣ, бахусус дар бахши кишоварзӣ ва логистика, беҳбуди зерсохтори нақлиёт нақши муҳими афзоиши гардиши мол ва ҳамкории иқтисодиро мебозад.

Акрамҷон Неъматов, муовини аввали роҳбари Пажӯҳшгоҳи таҳқиқоти стратегӣ ва минтақавии назди Президенти Ӯзбекистон пешниҳод намудааст, ки байни ду кишвар фазои умумии истеҳсолӣ-технологӣ бунёд карда шавад. Ин иқдом коҳиши вобастагӣ аз таҳдидҳои беруна, иваз кардани воридоти гаронбаҳо ва баланд бардоштани рақобатпазириро имконпазир мекунад.

Рушди ҳамкории ду кишвар дар бахши кишоварзӣ ва энергетика самаранокии иқтисодиро зиёд мекунад. Бунёди кластерҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои наздимарзӣ хароҷоти логистикаро коҳиш ва содироти маҳсулоти кишоварзиро афзоиш медиҳад.

Парвариши пахта метавонад камтар манфиатовар бошад. Ба ҷойи он метавон зироатҳои дорои даромади баланд, мисли чормағз, бодом ва сабзавот парвариш кард.

Интиқоли технологияҳои рақамӣ ва заминдории дақиқ дар бахши кишоварзӣ, ҳамчунин сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, барқи офтобӣ ва бодӣ барои беҳтар истифода шудани захираҳои об ва самаранокии энергетикӣ муҳим аст.

Дар конфронс дурнамои ташаккули модели нави муносибатҳои ду кишвар ва ҳадафҳои дарозмуддат низ баррасӣ шудааст. Афзоиши ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ на танҳо иқтисоди ду кишвар, балки устувории тамоми минтақаи Осиёи Марказиро тақвият мебахшад.

КОРХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Ҳоло дар Ӯзбекистон корхонаҳо бо сармоягузории Тоҷикистон кам нестанд. Дар шаш моҳи охири соли гузашта 53 адад афзудаанд.

Дар маҷмуъ, теъдоди корхонаҳое, ки бо сармояи Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба 410 адад расидааст.

Бино ба иттиллои Кумитаи омори Ӯзбекистон, аз теъдоди умумӣ 308 корхона пурра бо сармояи Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва 102 адади он корхонаҳои муштарак мебошанд.

144 корхонаи дар ин кишвар бо сармояи Тоҷикистон фаъолиятдошта дар бахши савдо будаанд. Корхонаҳои дигари Тоҷикистон дар ин кишвар аз рӯйи соҳаҳои фаъолият чунин тақсимбандӣ мешаванд: 89 адад дар бахши саноат, 43 адад дар бахши сохтмон, 33 адад дар бахши иттилоот ва алоқа, 23 адад дар бахши хадамоти манзил ва озуқаворӣ, 16 адад дар бахши нақлиёт ва нигоҳдорӣ, 11 адад дар бахши тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ.

Тибқи омори нашркардаи мақомоти Ӯзбекистон, теъдоди корхонаҳое, ки бо сармоягузории Тоҷикистон дар ин кишвар фаъолият мекунанд, рӯ ба афзоиш дорад.

Ин омор нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз рӯйи раддабандӣ байни кишварҳое, ки бо сармояашон дар ин кишвар корхона боз кардаанд, дар зинаи ҳаштум қарор дорад. Бино ба маълумоти оморӣ дар Тоҷикистон бошад, зиёда аз 70 корхона бо сармояи Ӯзбекистон кор мекунанд.

Имтиёзҳо ва дастгириҳои давлатӣ дар Ӯзбекистон заминаи устувор фароҳам овардаанд, ки соҳибкорони Тоҷикистон фаъолияти худро идома диҳанд. Афзоиши ҳамкории тиҷоратӣ ва рушди саноату кишоварзӣ дурнамои ҳамкории ду кишварро стратегӣ ва умедбахш месозад.

Усмон РАҲИМЗОДА

НАВРӮЗ

ОИНИ ЭҲЁИ ТАБИАТ



Наврӯзнома

Наврӯз биё, ки омади
соли накӯст,
Пеши қадамат обӣ
равон фоли накӯст.
Дар ҳар нафаси ту
медамад сабзаи ишқ,
Ҳар лаҳза ҳузури сабзи
ту ҳоли накӯст.
***
Пеши дари зиндагӣ
ситода Наврӯз,
Бо файзу сахо қадам
ниҳода Наврӯз.
Хуш омадаву хушӣ ба
худ оварда,
Аз боли фалак шуда
пиёда Наврӯз.
***
Наврӯзи Аҷам чӣ бас
тарабнок расид,
Бо хандаи сабза бар лаби
хок расид.
Ҷӯши суманак ба ҷӯш
оварда дилам,
К-аз сини саҳар суруди
афлок расид.
***
Наврӯз расиду субҳи
паймон омад,
Дар пайкари зиндагӣ
зи нав ҷон омад.
Рақсид гули баҳор дар
саҳнаи умр,
Чун навбати савту сози
борон омад

Нуралӣ Нурзод

Наврӯзи ҷонфизо

Пур аз нуқлу наво шуд
хони Наврӯз,
Гулу себарға шаъну шони
Наврӯз.
Мисоли чеҳраи гулҳои зебош
Чи гарму ҷонфизо ин нони Наврӯз.

Зи илму маърифат,
ҳам панду ахлоқ,
Тамоми суннату аркони Наврӯз.
Агар эҳёгарӣ бошад маромаш,
Ба ҷонам ҷонфизо шуд
ҷони Наврӯз.

Чорпора

Наврӯз биё, баҳор дар
пушти дар аст,
Наврӯста гиёҳу сабзаҳо
гулбасар аст.
Дунё ки шукуфазор
пироста шуд,
Ороста ин нигор баҳру бар аст.

Баҳори некпай табрикатон бод,
Бирафта фасли дай,
табрикатон бод.
Хушоянд аст базми навбаҳорон,
Навои чангу най таҳрикатон бод.

Саъдулло Ҳайдарӣ

РАМЗИ ҶОВИДОНАИ ТАМАДДУН ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

«БОИСИ ИФТИХОРИ МОСТ, КИ ГУЗАШТАГОНИ НЕКНОМИ МО - ОРИЁИҲО БА ҶАҲОНИЁН ЗАБОНУ ФАРҲАНГ, ИЛМУ ҲУНАР, ОЙИНУ СУННАТҲОИ БОЮ РАНГОРАНГИ БАШАРДӮСТОНА, АЗ ҶУМЛА НАВРӮЗ, ИНЧУНИН АНЪАНАҲОИ ПЕШРАФТАИ ДАВЛАТДОРӢ, ЯЪНЕ ТАМАДДУНУ ФАРҲАНГИ ҶОВИДОНАРО БА МЕРОС ГУЗОШТААНД».

Ин суханони пурмуҳтавои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, бозгӯи ҷойгоҳи волои Наврӯз дар таъриху фарҳанги башарият мебошанд.

Воқеан, Наврӯз аз ҷумлаи қадимтарин ҷашнҳои инсоният буда, решаҳои он ба тамаддуни ориёӣ пайванд мегирад. Он рамзи эҳёи табиат, оғози зиндагии нав, пирӯзии нур бар зулмот ва некию созандагӣ бар бадиву вайронкорӣ мебошад. Аз давраҳои қадим ниёгони мо Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати хоса истиқбол мегирифтанд ва онро ҳамчун оғози соли нав таҷлил менамуданд.

Дар фарҳанги миллӣ Наврӯз танҳо як ҷашн нест, балки мактаби бузурги ахлоқ ва маърифат ба шумор меравад. Он инсонро ба покизагӣ, меҳнатдӯстӣ, созандагӣ ва эҳтироми муҳити зист ҳидоят мекунад. Аз ин рӯ, дар арафаи Наврӯз мардум хонаю дар, кӯчаю хиёбон ва гирду атрофи худро тозаву озода намуда, бо нияти нек ба истиқболи баҳори нав омодагӣ мегиранд. Ин суннати нек то имрӯз идома ёфта, нишонаи фарҳанги баланди экологӣ ва маънавии ҷомеа мебошад.

Бо шарофати Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати фарҳангпарваронаи давлату Ҳукумат, Наврӯз дубора эҳё гардида, ба яке аз рамзҳои асосии худшиносии миллӣ мубаддал шуд. Бо ташаббуси Тоҷикистон ин ҷашни бостонӣ дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ гардида, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ эътироф гардид. Ин иқдом нишонаи равшани арзишҳои умумибашарии Наврӯз ва нақши он дар таҳкими сулҳу ваҳдат дар ҷаҳон мебошад.

Наврӯз бо суннату ойинҳои неки инсонсоз ва зиндагисоз ғанӣ аст. Сабзонидани дарахтон, ободонии муҳити зист, анҷом додани корҳои хайру савоб, дастгирии ниёзмандон, бахшидани гуноҳҳо ва таҳкими дӯстиву бародарӣ аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки моҳияти ин ҷашнро ташкил медиҳанд. Ин суннатҳо инсонро ба зиндагии созанда ва эҳтироми арзишҳои ахлоқӣ раҳнамун месозанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки дар айёми Наврӯз мардум дар Наврӯзгоҳҳо ҷамъ омада, ҷашнро дар фазои дӯстӣ ва ҳамдилӣ таҷлил мекарданд. Табодули туҳфаҳо, орзуву ниятҳои нек ва эҳтироми мутақобил аз ҷумлаи анъанаҳое буданд, ки ҷомеаро муттаҳид месохтанд. Имрӯз низ ин суннатҳо ҳамчун рамзи ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ идома доранд.

Эҳёи суннатҳои миллӣ дар замони муосир аҳамияти бузург дорад. Онҳо на танҳо рамзи таърихи пурифтихори миллат мебошанд, балки дар тарбияи маънавии ҷомеа, бахусус насли ҷавон нақши муҳим мебозанд. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа, бахусус аҳли илму маориф аз он иборат аст, ки ин мероси гаронбаҳоро ҳифз намоянд ва ба наслҳои оянда бо таври шоиста интиқол диҳанд.

Имрӯз Наврӯз ба рамзи сулҳу ваҳдат, дӯстӣ ва ҳамдилии мардумони ҷаҳон табдил ёфтааст. Он инсонҳоро ба зиндагии осоишта, меҳнату созандагӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ даъват менамояд.

Боварии комил дорем, ки ин ҷашни фархунда минбаъд низ барои таҳкими дӯстии халқҳо, рушди фарҳанг ва пойдории сулҳу субот дар ҷаҳон хизмат хоҳад кард.

Махсуда АБДУЛЛОЗОДА,
мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

Наврӯз яке аз кӯҳантарин ҷашнҳои мардумони ориёитабор мебошад, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун рамзи оғози зиндагии нав, эҳёи табиат ва ҳамоҳангии инсон бо олами ҳастӣ таҷлил мегардад. Маънои вожаи «Наврӯз» - «рӯзи нав» буда, он ба оғози соли нави хуршедӣ ва баробаршавии шабу рӯз дар фасли баҳор рост меояд. Ин падидаи табиӣ на танҳо як рӯйдоди осмонӣ аст, балки таҷассумгари оғози марҳилаи нави ҳаёт, бедории замин ва фаъолиятҳои созандаи инсон мебошад.

Наврӯз таърихи басо қадима дошта, пайдоиши он ба давраҳои бостонӣ мерасад. Бар асоси маъхазҳои таърихию адабӣ, аз ҷумла осори классикии форсу тоҷик, ин ҷашн ба номи шоҳони пешдодӣ, бахусус Ҷамшед пайванд дода мешавад. Дар осори таърихии “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ Наврӯз ҳамчун рӯзи нишастани Ҷамшед бар тахт ва оғози давраи адлу ободӣ тасвир шудааст. Ҳамчунин дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ва осори Абурайҳони Берунӣ ба таъриху ойинҳои ин ҷашн ишораҳои муфассал оварда шудаанд. Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки Наврӯз на танҳо як маросими мардумӣ, балки падидаи муҳими фарҳангиву тамаддунӣ мебошад.

Дар фарҳанги тоҷикон Наврӯз на танҳо як ҷашни тақвимӣ, балки мактаби ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Маросимҳое чун гулгардонӣ, тозакунии хона, пухтани суманак ва оростани дастархони идона рамзи покӣ, эҳё ва ҳамбастагӣ мебошанд. Суманак, ки аз сабзаи гандум омода мешавад, таҷассумгари зиндагӣ, фаровонӣ ва баракат аст. Омодагӣ ба Наврӯз - поксозии хона ва муҳит - рамзи поксозии ботин ва навсозии маънавӣ низ мебошад.

Дар шароити давлатдории навини тоҷикон Наврӯз ҳамчун омили таҳкими худшиносии миллӣ ва ваҳдати ҷомеа нақши муҳим мебозад. Тавре Пешвои миллат таъкид кардаанд, умри тӯлонии Наврӯз аз табиӣ будани он сарчашма мегирад, зеро он бо қонуниятҳои зиндагӣ ва фаъолияти созандаи инсон пайванди мустақим дорад.

Хулоса, Наврӯз падидаи нодири фарҳангӣ ва тамаддунӣ буда, дар худ арзишҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии миллатро таҷассум мекунад. Он рамзи эҳёи табиат, оғози зиндагии нав, ҳамоҳангии инсон бо муҳити зист ва таҳкими сулҳу дӯстӣ миёни халқҳост.

Ҷамшед ХОҶАЕВ,
ходими калони илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ҶАШНЕ, КИ ТАСАВВУРОТРО ДАР БОРАИ ТОҶИКОН ДИГАР КАРД

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Нашрия ва китоб ҳанӯз пеш аз он ки нахустин садои мусиқӣ танин андозад, фазои маънавии шомро муайян карда буданд. Онҳо мусиқиро ба сарчашмаи аслиаш бармегардонданд - ба зиндагӣ, ба тақдир ва ба хотира.

Консерт бо суханронии композитори маъруф, Ҳунарпешаи мардумии Русия Максим Дунаевский оғоз ёфт. Ӯ шунавандагонро ба ҷаҳони эҷодии Толибхон Шаҳидӣ даъват кард. Сипас, консерт бо симфонияи «Тоҷ-Маҳал» ифтитоҳ гашт. Мусиқӣ оҳиста боло мерафт, мисли меъморие, ки ҳар садо дар он сутунест. Ин танҳо муқаддима набуд, офариниши муҳите буд, ки дар он вақт ва эҳсос ба ҳам мепайвастанд. Дар фароварди мусиқӣ садои кафкӯбӣ якчо бо “Браво” ба фазо печид.

Толибхон Шаҳидӣ аз ҷой бархост, ба пояи саҳна омад ва дасти дирижёр Валерий Гергиевро фишурд. Баъдан дасти солистон ва навозандагони оркестрро. Ин лаҳза ба нишони эҳтиром, сипос тамоми шом такрор мешуд.

Сипас, симфонияи «Нокомилии замони мо...» ҳамчун андеша садо дод. Толор нафаси овозхонҳоро не, маъниро мешунид.

Дар толор баъдтар мегӯянд:

- Ин мусиқӣ барои кафкӯбӣ нест. Ин мусиқӣ барои сукут аст.

Аммо кафкӯбӣ буд. Ва боз бархостанҳо аз курсӣ, дастагулҳо.

«Рақси табассум» ҳам бо он сабукӣ дар толор танин андохт.

Донишҷӯи консерватория, ки дар паҳлуи ман менишаст, аз ҳаяҷон ба сухан омад:

- Ин табассум қимати дардро дошт.

Ман рӯй ҷониби ӯ гардонидам ва мехостам бипурсам, ки бо ин сухан чӣ гуфтан мехоҳад. Аммо ин дам садои “Консерти №2 барои фортепиано” баланд шуд.

Пианинонавоз ба дунёи мусиқии худ фурӯ рафта буд. Мусиқӣ аз интизориҳои толор амиқтар мерафт. Ва вақте ки он ба анҷом расид, лаҳзае сукут ҳукмфармо шуд.

Ҳамон сукуте, ки толор чуръати шикастани онро намекард.

Ва баъд таркиши кафкӯбии аҳли ба по хестаи толор.

Толибхон Шаҳидӣ ба саҳна баромад, бо эҳтиром дасти пианинонавоз, дирижёр ва ҳар як навозандаро фишурд.

Дар қисми дуюми шом «Дариус», «Рақсҳои симфонӣ», “Консерт барои алти симфонӣ“ тамошобинонро тасхир карда буданд. Ва ниҳоят симфонияи «Садо», ки хусни анҷом буд, садо дод. Пас аз аккорди охирин аҳли толор аз ҷой хестанд. Кафкӯбӣ қатъ намешуд. Саҳна гулборон шуд.

Шаҳидӣ боз ба саҳна баромад. Боз дастфишурии бардавом бо ҳар кадоме аз навозандагон.

Садои яке аз ҳозирин ба гӯш мерасид:

- Мо одат кардаем, ки Тоҷикистонро аз дидгоҳи иҷтимоӣ бинем... имрӯз онро аз роҳи фарҳанг дидем. Ин як ҷаҳони дигар аст.

Шоми 13-уми март шоми намоиши фарҳанг буд.

Ҳангоми баромадан аз толор, ман ба худ андешидам: баъзан як консерт кофист, то тасаввурро на дар бораи як бастакор, балки дар бораи як фарҳанг ва як кишвар тағйир диҳад.

Воқеан он шом рӯйдоде буд. Нахуст, он миқёси шахсияти бастакорро нишон дод. Барнома, ҳайати иҷрокунандагон ва вокуниши толор исбот намуданд, ки Толибхон Шаҳидӣ танҳо намояндаи мактаби миллӣ нест, ӯ бастакори сатҳи ҷаҳонист.

Дуюм, ин консерт ба фазои гуфтугӯи зеҳнӣ табдил ёфт. Суҳбатҳо дар саҳни ҳавлӣ ва толорҳо, таваҷҷуҳ ба рӯзномаи «Тоҷикистон» ва китоби «Агар...», гӯш кардани бодиққати ҳар асар нишон дод, ки шунавандагон на танҳо барои шунидан, балки барои дарк кардан омадаанд.

Сеюм, ин шом як ишораи муҳими фарҳангӣ буд. Бидуни шиор, танҳо бо қудрати санъат, он Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои фарҳанги амиқ ва мактаби мусиқии баланд муаррифӣ кард.

Ва ниҳоят, муҳимтарин эҳсос - ягонагии саҳна ва толор буд. Кафкӯбиҳо, гулҳо, «браво» ва дастфишории бастакор бо ҳар як иҷрокунанда фазое ба вуҷуд оварданд, ки консертро ба табодули муштараки рӯҳӣ табдил дод.

Н.БОБОҶОН















Манзура Яъқубова:

ОТАХОН ЛАТИФӢ ҲАМЕША ХОКИ

“Дар пушти ҳар марди муваффақ зан меистад”. Ин гуфтаро борҳо хондаву шунидаам, вале дар таҷлили 90-солагии рӯзноманигор ва сиёсатмадор шодравон Отахон Латифӣ, ки 12-уми март дар Иттифоқи нависандагон баргузор шуд, дар симои ҳамсари эшон Манзура Яъқубова ин ҳақиқатро дарк кардам. Бинобар ин, пас аз маҳфил ба манзили эшон рафтам. Ба ҳамон хонае, ки 22-юми сентябри соли 1998 дари онро Отахон Латифӣ бори охир пӯшид ва дар саҳни ҳавлии он кушта шуд…



Отахон Латифӣ бо ҳамсараш Манзура Яъқубова

ИШҚ АЗ НИГОҲИ АВВАЛ

- Манзура Муҳсиновна, бо Отахон Латифӣ чӣ тавр шинос шудед?

- Отахон бо бародари ман Ҳамидҷон дар як вақт дар Донишгоҳи Ленинград ба номи Жданов таҳсил мекарданд. Отахон дар факултаи журналистика донишҷӯ буд, бародари ман аспиранти факултаи кимиё. Ҳамидҷон баъдан доктори илми кимиё, профессор шуд ва солиёни зиёд дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) фаъолият карда, мудири кафедра ва декани факултет буд. Афсӯс, ки дар синни 54-солагӣ аз олам гузашт... Ҳангоми таҳсил дар Ленинград Ҳамидҷон ҷамъияти донишҷӯёни тоҷикро роҳбарӣ мекард ва аз ҳамон ҷо бо Отахон шиносу дӯст мешаванд. Соли 1962 ман Донишкадаи (ҳоло донишгоҳ) тиббии Тоҷикистонро хатм кардам ва ҳамсабақон дар тарабхонаи “Помир” базм оростем. Баъди ҳамин зиёфат ба хона баргаштам, ки рӯйи кат ду нафар бо бародарам ва падарам нишастаанд. Яке Отахон ва дигарӣ Фарҳод - писари Абдусалом Деҳотӣ буданд. Ҳамон ҷо Отахон маро дида, маъқул мекунад. Чанд рӯз баъд падару модарам ба муносибати донишгоҳро хатм кардани ман зиёфат оростанд ва Отахон бо Фарҳод он ҷо даъватӣ буданд. Ҳамон шаб Отахон қавл медиҳад, ки ба ҳар қимате ин духтар моли ман мешавад. Баъдан маро падарам ба “Зимчурӯд” барои истироҳат фиристоданд. Вале баъди ду рӯз амакам омада гуфтанд, ки бояд ба хона биёӣ. Омадам, ки хостгорон нишастаанд - Зиёдулло Шаҳидӣ, модари Фарҳод ва модари Отахон аз Панҷакент. Онҳо ҳамаро аллакай ҳал карда буданд... Ҳамин тавр, баъди як моҳ, 5-уми сентябр аз қайд гузаштем ва 8-ум тӯй шудем...

- Шумо ҳамин тавр ба осонӣ розӣ шудед?

- Ман дигар роҳ надоштам. Он солҳо чунин буд, ки муқобили падару модар намерафтем. Албатта, нақшаҳои ман дигар буданд. Ба кори илмӣ машғул шуданӣ будам. Дар вақти донишҷӯйӣ чанд бор хостгорон омаданд, вале падару модарам рад карданд. Аммо Отахонро даррав писандида буданд. Ҳамидҷон мегуфт, ки “эҳтиёт шав, ба нафаре оиладор мешавӣ, ки Марксро азёд медонад”. Шояд ҳамин омилҳо буданд, ки дар ман ҳам эҳсос пайдо шуд, ки муқобилият нишон надодам.

ОТАХОН БОҒУРУР БУД

- Он вақт Латифӣ дар куҷо кор мекард?

- Ҳоло кор намекард. Дар курси чорум мехонд. Ман донишкадаро хатм карда будам ва ба ординатураи клиникӣ қабул шуда будам. Вале пас аз оиладоршавӣ маро ба ординатураи клиникӣ ба Институти беморихои кӯдаконаи Ленинград ба кафедраи ЛОР фиристоданд. Ҳамин тавр, баъди тӯй барои идомаи таҳсил рафтем. Мо дар хобгоҳҳо алоҳида зиндагӣ мекардем. Чун бародарам аспирант буд, бо ҳамсараш дар як ҳуҷра буданд. Ман бо онҳо зиндагӣ мекардам. Отахон дар хобгоҳ бо бачаҳо. “Моҳи асал”-и мо чунин гузашт. Ман вақте ҳомила шудам, баргаштам, чун шароит набуд. Ба бародараму ҳамсараш халал мерасонидам. Ҳаво ҳам сард буд. Бо вуҷуди он ки аз кафедра намехостанд ҷавоб диҳанд ва маро дар аспирантура мондан буданд, баргаштам. Дере нагузашта Отахон донишгоҳро пеш аз муҳлат хатм карда омад.

- Дар Душанбе зиндагиатон чӣ тавр ҷараён гирифт?

- Ман фарзанди хурдӣ будам ва волидайнам дар ҳавлӣ танҳо зиндагӣ мекарданд. Вале Отахон “ман хонадомод шудан намехоҳам” гуфту бо онҳо зиндагӣ кардан нахост. Бисёр боғурур буд. Мо дар кулбачаҳо иҷора менишастем. Он замон мисли ҳозира хонаҳо иҷора дода намешуданд, фақат кулбачаҳо буданд, ки шароити бад доштанд. 5-6 кулба иваз кардем. Пул ҳам надоштем. Ман кӯрпаву кӯрпачаҳоеро, ки модарам дӯхта, вақти арӯсӣ дода буданд, ба соҳибхонаҳо медодам, ба ҷойи иҷорапулӣ. Ҳамин хел оғоз кардем зиндагиро. Отахон дар нашриёти “Ирфон” кор мекард, ман бошам, дар бемористон. Маошамон базӯр мерасид. Ман духтаре будам, ки дар бехтарин шароит ба воя расидам. Падари ман роҳбари дорухонаҳои чумҳурӣ буданд, модарам ҳам мудири яке аз дорухонаҳо. Мо дар хонаамон ҳамеша ёрдамчӣ доштем. Аз чунон зиндагӣ якбора ба чунин шароити вазнин афтодам.

- Чӣ шуморо водор мекард, ки дар чунин шароити вазнин зиндагӣ кунед?

- Зиндагӣ чунин буд. Ман ба шавҳар баромадам, вазифадор будам, ки дар паҳлуйи ӯ бошам. Он вақт чунин буд: сабр куну зиндагӣ кун! Мо аз шавҳарҳоямон чизе талаб намекардем, хона, мошин дар тасаввури мо ҳатто набуд. Чунин тарбия доштем. Дигар ин ки Отахон марди хуб буд, меҳрубон буд, ҳамдигарро дӯст медоштем ва зиндагӣ мекардем. Баъдан, вақте ӯ ба Кумитаи марказии комсомол ба кор гузашт, ба мо дар “Жилмасив” қатори дигар кормандони комсомол хонаи духуҷрагӣ доданд, 24 метри квадратӣ. Ман фикр кардам, ки ба биҳишт афтодам, зеро гарм буд, газ дошт. Дар он ду кӯдаки ман ба воя мерасиданд...

ТО “ПРАВДА”

- Шуҳрати журналистӣ ба Отахон Латифӣ кай омад?

- Отахон аввал ба “Комсомолец Таджикистана” гузашту як муддат кор кард. Вале бо сармуҳаррири рӯзнома Борис Пшеничний гапашон гурехту ариза навишта, аз кор рафт. Ӯ ҳақталаб буд, ба ноадолатӣ тоб намеовард, мубориза мебурд. Баъдан ба “Комсомоли Тоҷикистон”, ки сармуҳаррираш инсони хуб - Абдулло Зокир буд, ба кор гузашт. Соли 1966 Отахон ба сафари хизматӣ ба Бадахшон рафт ва як очерк таҳти унвони “Памир без эмоции” навишт. Отахон аслан ба забони русӣ менавишт, чунки мактаби миёна ва донишгоҳро ба забони русӣ хонда буд. Очерк ба забони тоҷикӣ дар “Комсомоли Тоҷикистон” чоп шуд. Абдулло Зокир пешниҳод мекунад, ки шакли русии ин очеркро ба Москва ба “Комсамольская правда” фиристанд. Ҳамин тавр, очерк дар ин рӯзномаи бонуфуз чоп шуд. Ва сармуҳаррири ин рӯзнома Борис Панкин Отахонро ба кор даъват кард. Ба ҳайси мухбир дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон. Ҳамин тавр, Отахон шуҳрат пайдо кард. Аз соли 1973 хабарнигори махсуси “Правда” дар Тоҷикистон таъйин шуд ва 16 сол кор кард...

- Барои шумо душвор набуд ҳам нигоҳубини кӯдакон, ҳам кор, ҳам дифои рисолаи номзадӣ? Чун шавҳаратон ҳамеша дар сафари хизматӣ буданд.

- Албатта, осон набуд. Дар аввал падару модарам кумак мекарданд, баъдан ҳамсояи хубе доштем, ки ёрӣ мерасонид. Отахон вақте дар хона буд, ба ман кумак мекард. Ӯ шавҳари хуб ва падари хуб буд. Баъдан ба мо дар хиёбони Ленин, ҳоло Рӯдакӣ хонаи сеҳуҷрагӣ доданд. Зиндагӣ беҳтар шуд. Ман ҳам ба корам идома медодам. Он солҳо аз кадрҳои маҳаллӣ табибон кам буданд, махсусан бонувон. Нафаре, ки он замон кафедраи бемориҳои гӯшу гулӯву бинӣ (ЛОР)-ро роҳбарӣ мекард, маро барои дохил шудан ба аспирантура иҷозат намедод. Ҳол он ки ҳам мақолаҳои илмӣ менавиштам, ҳам ҷарроҳӣ мекардам, ҳам ташхису табобат. Билохира хоҳари бузургам Мунира, ки дар 37-солагӣ доктори илм, профессор ва мудири кафедраи бемориҳои кӯдакона буд, ба ман мавзуъ дод. Ҳамин тавр, оид ба пайванди бемориҳои нефрология ва оторенгология рисола навиштам, дифоъ кардам...

ТАРКИ ВАТАН

- Соли 1989 Латифӣ ба кори давлатӣ гузаштанд ва ҷонишини раиси Шурои вазирони Тоҷикистон шуданд. Баъдан, дар солҳои 90-ум ба сиёсат пайвастанд. Шумо ба ин чӣ назар доштед?

- Ман ҳамеша зид будам. Гарчанде фаъолияти рӯзноманигорӣ худ сиёсат аст ва Отахон як умр дар дохили сиёсат буд. Аммо ӯ эҷодкор буд ва касбашро дӯст медошт. Ман табиб ҳастам ва корҳои давлативу сиёсиро дӯст намедорам. Вақте дар замони донишҷӯйӣ аз пахта сарпечӣ кардам, маро аз комсомол хориҷ карданӣ шуданд. Дилам хунук шуд, ки ҳатто узви партия нашудам. Ман табобат, ҷарроҳӣ ва шогирд тарбия мекардам. Аз пайи фарзандонам будам. Вале ба корҳои шавҳарам дахолат намекардам. Вақте гирудорҳои сиёсӣ дар кишвар оғоз шуд, ӯро куштанӣ шуданд. Ӯ мачбур шуд, ки равад. Ҳатто вақте ӯ мерафт, тайёраро чанд соат нагузоштанд парвоз кунад. Ман дар ҳуҷраи ӯ нишаста, ҳар лаҳза занг мезадам, ки тайёра парвоз кард ё не? Баъд аз он ки хабари парвозашро фаҳмидам, дилам ором шуд.


- Ин воқеа соли 1992 буд?

- Бале. Отахон ба Теҳрон парвоз кард...

- Шумо ҳам аз пайи шавҳаратон рафтед?

- Бале. Аввали соли 1993. Шароити кишвар вазнин буд. Ман аз ҳеҷ чиз не, аз зӯровариву таҷовуз метарсидам. Маро аз вазорат барои рафтан ҷавоб доданӣ набуданд. Он вақт вазир Аламхон Ахмедов буданд. Назди оқои Шабистарӣ, ки сафири Эрон буданд, маслиҳатпурсӣ

ВАТАНРО БО ХУД МЕГАРДОНИД



Отахон Латифӣ

рафтам. Эшон Отахонро эҳтиром мекарданд. Он кас як нома навиштанд, ки гӯё ман барои курси бозомӯзӣ меравам. Ҳамин тавр, имкони рафтан пайдо кардам.

- Дар чӣ шароите Тоҷикистонро тарк кардед?

- Писари дуюмамон Латиф ба Санкт-Петербург рафта буд. Ман ҳамроҳи фарзанди калонӣ Алихон азми сафар кардем. Насаби Алихон Латифӣ буд, ки баромаданашро аз кишвар душвор мекард... Отахон фармуда буд, ки барояш китоб барам... Ҳамин тавр, хонаро қулф кардам, каме либосҳои зарурӣ ва асосан китоб, мошинкаи чопӣ ва рисолаи номзадии Алихонро, ки ҳоло дифоъ накарда буд, ҳамроҳ гирифему ба қатора нишастем. То Туркманистон чанд бор маро парронданӣ шуданд. Чун ҷомадонҳои мо вазнин буд, хаёл мекарданд чизҳои гаронбаҳо мебарем. Вале вақте боз мекарданд, ҳайрон мешуданд. Хулоса, мо рафтем ба Туркманистон. Дар он ҷо профессор Куртов, ки ҷарроҳи қалб буд ва бо ӯву ҳамсараш дар Ессентуки шинос шуда будам, маро пешвоз гирифт. Дӯсти Отахон, ки ҷонишини вазири корҳои хориҷии Туркманистон буд, моро ба Теҳрон фиристод.

- Чанд сол дар Теҳрон будед?

- Бори аввал 7 моҳ. Аз феврали соли 1993.

- Чӣ рӯзгор доштед дар он рӯзгори гурезагӣ?

- Рӯзгорамон сангин буд. Донишманди эронӣ, доктор Фаридуни Ҷунайдӣ, ки худаш низ рӯзгори душвор дошт, моро дар хонааш қабул кард. Дар таҳхонааш китобхона дошт, мо он ҷо зиндагӣ мекардем. Ман ба хонумаш дар корҳои хона кумак мекардам. Ман ба ниҳодҳои тандурустии Эрон мурочиат карда, имтиҳон супоридам ва барои кори табибӣ иҷозатнома гирифтам.

- Латифӣ дар Теҳрон ба чӣ кор машғул буданд?

- Отахон мехост маҷаллае таъсис диҳад бо номи “Эрон”. Он вақт Русия як маҷалла нашр мекард бо номи “Америка”. Маслиҳат шуда буд, ки маҷаллаҳоро Маскав маблағгузорӣ мекунад. Мо маводи ду шумораро омода кардем. Алихон ва падараш мавод ҷамъ мекарданд, ман дар мошинка чоп мекардам, вале Москва пул надод... Ҳамин тавр, рӯзгорамон бисёр душвор сипарӣ мешуд. Писари хурдиамон Латиф ҳамон солҳо дар Санкт-Петербург ба тиҷорат машғул шуд ва вақте каме маблағ пайдо кард, моро даъват намуд. Ҳамин тавр, ба Русия кӯчидем.

МУЗОКИРОТИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

- Чӣ шуд, ки Отахон Латифӣ баъди тарки Ватан боз ба кори сиёсӣ машғул шуданд ва аз ҷониби мухолифин вориди музокирот гардиданд?

- Дар Санкт-Петербург ду нафар аз намояндагони мухолифин омада, Латифиро ба Москва даъват карданд. Ман зид будам, зеро нав зиндагиамон ба як мачро даромада буд. Худи Отахон ҳам аввал розӣ нашуд. Вале боз чизе шуду бо онҳо рафт. Дар Маскав Шурои ҳамоҳангсозии мухолифин ва Фонди кумак ба муҳоҷиронро бо номи “Умед” таъсис дод. Ва ҳамин тавр аз ҷониби мухолифин вориди музокироти сулҳи тоҷикон шуд. Маро ҳам омада бурд. Дар Москва, дар поликлиникаи кӯдакона ба кор даромадам ва шуъбаи ҷарроҳӣ боз кардам. Отахон саргарми корҳои сиёсӣ ва музокирот буд.

- Чӣ сабаб чӣ шуд, ки Латифӣ дигарбора ба Теҳрон баргаштанд?

- Отахон бемории астма дошт. Дар сардии Москва ҳолаташ бад шуд. Ӯ, ки узви Иттифоқи нависандагон ва рӯзноманигорони ИҶШС буд, чанд бор дар беморхонаҳои ҳукуматӣ табобат кардем, вале саломатиаш нағз нашуд. Сабаби дигар ин аст, ки дар давраи аввали музокирот ба ҷонаш сӯйиқасд сурат гирифт. Ӯ даври аввалро роҳбарӣ мекард, Нуриву Тӯраҷонзода нарафтанд. Қотилон ба пушти сараш мезананд ва фикр мекунанд, ки мурда бошад, бинобар ин, мераванд. Вале ҳамсоя ӯро кашола карда меорад. Ман ба ӯ гуфтам, ки биё ба ягон кишвари авпрупоӣ равем, зеро Москва ҳам амн набуд. Гуфт, ки ман ин равандро оғоз кардам, бояд онро хотима диҳам. Отахон ҳамеша дар орзуи сулҳ ва баргаштан ба Ватан буд. Вай дар халтача як каф хоки Тоҷикистонро бо худ мегардонид. Ман он хокро дар ҳамон халтача то ҳоло нигоҳ медорам...

- Яъне Латифӣ дар давраҳои баъдии музокирот аз Теҳрон меомаданд?

- Бале. Дар Теҳрон ҳам гуфтушунид сурат мегирифт. Баъди Теҳрон рафтани Отахон ман як муддат дар Москва мондам. Латифро хонадор кардам, ба нафақа баромадам ва боз рафтам назди шавҳарам, ки танҳо набошад. Бо ӯ ба ҷаласаҳои музокироти сулҳ мерафтам. Лаҳзаи имзои созишномаи истиқрори сулҳ дар Москва, дар “Президент отел” он ҷо будам. Мо ҳама пушти дар интизор будем. Ва вақте ҳама хурсанд баромаданд, гиря мекардем. Он лаҳзаҳо фаромӯш намешаванд. Баъди таъсиси Комиссияи оштии миллӣ Латифиро ба Душанбе даъват карданд. Он кас омаданд. Маҳали кору зиндагиашон меҳмонхонаи “Вахш” буд. Баъди чанд вақт ман ҳам баргаштам.

- Дар муҳоҷират кӣ ба шумо кумак мекард?

- Ҳеҷ кас. Нурӣ ва Тӯраҷонзода ба мо як тин надоданд. Ёдам меояд, ки Отахон ва ман бояд дандон мекардем. Рафтем назди Нурӣ. Ӯ гуфт, ки ба Отахон маблағ медиҳем, ба ту не. Мо ҳайрон шудем. Вақте омадем ба назди духтури дандон, вай гуфт, ки чун шумо ҳамкасби мо ҳастед ва муҳоҷир, мо бо ними нарх дандонатонро табобат мекунем. Ҳамин тавр, бо пули як нафар ба ду нафар дандон кардем.

- Яъне Латифӣ бе маблағ кор мекард?

- Бале. Бе як тин. Хоҳарам ин ҷо хонаву ҳавлии моро иҷора дода буд. Бо ҳамин маблағ зиндагӣ мекардем.

- Вақте баргаштед, зиндагиатон чӣ тавр ҷараён гирифт?



Манзура Яъқубова бо фарзандонаш - Алихон ва Латиф

- Ман вақте омадам, хона валангор буд. Ҳама чизро дуздида бурдаанд, мошинро ҳам дуздидаанд. Ман омада таъмирро сар кардам, зеро кучое будам, барои зиндагии бароҳат шароит муҳайё мекардам. Отахон бепарво буд. Мегуфт, ки ҳеҷ чиз лозим не. Як миз ва кати раскладушка бошад, шуд. Вақте дар Москва ба иҷорахонаи навбатӣ кӯчидем, ба як хона даромадам, ки як миз дошту як раскладушка. Ман гуфтам, “нияти нағз ними давлат”. Мана, орзу кардӣ, ба ин орзу расидӣ.

- Дар Москва ва Теҳрон, ки азоб мекашидед, боре ба Латифӣ гуфтед, ки бо айби ту азоб кашидем?

- Не. Ҳеҷ гоҳ.

БАЪДИ ЛАТИФӢ

- Субҳи 22-юми сентябри соли 1998, ки Отахон Латифиро куштанд, шумо дар кучо будед?

- Ман ҳар субҳ ӯро ба кор гусел мекардам. Он саҳар чӣ хеле худамро нағз ҳис намекардам. Гуфтам, ки туро гусел карда наметавонам. Гуфт, ки бихоб, худам меравам. Аз дар баромаду баъди 10 дақиқа телефон занг зад. Гӯширо бардоштам, ки ҳамсоя фарёд мезад, ки ба ҳавлӣ дав. Рафтам, ки аллакай мурдааст. Он саҳар на ронанда омада буд, на нигаҳбон...

- Қотилон пайдо шуданд?

- Намедонам. Як бор маро чеғ заданд. Рафтам, ки як бача нишастааст. Муфаттиш ба ман гуфт, ки ту шоҳидӣ деҳ, ки ин кушт. Ман гуфтам, ки шумо маро аблаҳ гумон мекунед? Ин бачаи одам. Ин куштори сиёсӣ, инро ҳеҷ гоҳ пайдо намекунед...”. Дигар маро чеғ назаданд, фақат Алихон ба мақомот равуо мекард.

- Пас аз Латифӣ чӣ тавр зиндагӣ кардед?

- Вақте Отахон фавтид, мо як тин пул надоштем. 500 доллар сафири Эрон кумак кард. Созмони Милали Муттаҳид 500 доллар бар ивази кадом кори Отахон ҳақи қалам дод. Вақте ҷасади Отахон дар хона рӯйи тахта буд, Нурӣ ва Тӯраҷонзода омаданд. Тӯраҷонзода зуд рафт. Нурӣ ба ман 100 сомонӣ дароз кард. Ман гуфтам, ки мо ба пул ниёз надорем... Вақте китоби аввали ёдномаи Отахонро чоп кардам, ба Нурӣ бурдам. 100 доллар дароз кард. Ман гуфтам, ки инро туҳфа овардам ба шумо, фурӯхтанӣ не... Ҷанозаи Отахонро ҳукумат гузаронид, вале маъракаҳоро худам гузаронидам, касе кумак накард. 28 сол шуд Отахон бо мо нест, вале ман ҳар зодрӯз ва рӯзи маргаш мулло чеғ мезанам, дуову фотеҳа мехонам ва миз ороста, дӯстонамон ва хешу таборро чеғ мезанам. Ду китоби хотирот нашр кардам. Худи маро бошад, кор наҷот дод. Ман ба кафедра нарафтам. Дар дармонгоҳи 1 духтури одӣ шудам, баъдан дар беморхонаи “Шифо” кор кардам. Баъдан ба маркази ташхис маро ба кор чеғ заданд, ки то 5 соли пеш он ҷо фаъолият доштам... Яъне худамро ба кор бахшидам.

- Фарзандону наберахои шумо ва Отахон Латифӣ чӣ рӯзгор доранд?

- Алихон биолог, номзади илм аст. Дар Кумитаи ҳифзи муҳити зист то ба вазифаи ҷонишин кор кард. Чандин сол раиси Ассотсиатсияи шикорчиён буд. Ҳоло дар барномаҳои байналмилалӣ кор мекунад. Латиф дар Ленинград факултаи забонҳои арабиву англисиро хатм кард. Пас аз нооромиҳо дар Вазорати корҳои хориҷӣ кор кард. Як муддат дар Ӯзбекистон ва ЮНЕСКО кор кард. Баъдан ба Амрико кӯчид ва ба фаъолияти журналистӣ машғул шуд. Аз ду фарзандамон 7 набера дорем.

Мусоҳиб:
Одил Нозир

18-УМИ МАРТИ СОЛИ 2026 ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАҲТИ РАЁСАТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА ВА БО ИШТИРОКИ РОҲБАРИЯТУ КОРМАНДОН, ИНЧУНИН АДАБИЁТШИНОС НОЗИМ НУРЗОДА ВА СОБИҚАДОРОНИ БОНК ЧОРАБИНИИ БОШУКӮҲИ ФАРҲАНГӢ БАРГУЗОР ГАРДИД.



НАВРӮЗ - ҶАШНИ ВАҲДАТУ ҲАМДИЛӢ





Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аҳли нишастро бо фарорасии ҷашни байналмилалии Наврӯз ва эҳёи табиат шодбош гуфта, қайд намуд, ки Наврӯз аз маҳбубтарин ҷашнҳои миллии тоҷикон ба шумор рафта, аз замонҳои қадим то имрӯз мардумро бо арзишҳое чун ваҳдату ҳамдилӣ, созандагию ободкорӣ, дӯстиву инсонпарварӣ ва эҳтироми табиат муттаҳид месозад.

Таъкид гардид, ки маҳз бо ташаббус ва сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии кишварҳои ҳавзаи Наврӯз иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси ҷашни байналмилалӣ эълон кардани Наврӯз қатънома қабул намуд. Ва имрӯзҳо ин ҷашни бостонӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон бо шукӯҳ таҷлил мегардад.

Зимни суханронӣ инчунин зикр гардид, ки Наврӯз ҷашни ваҳдату ҳамдилист ва воқеаҳои пуртаниши ҷаҳони имрӯз, аз ҷумла низоъҳои мусаллаҳона дар баъзе минтақаҳо боз ҳам аҳамияти сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиро таъкид мекунанд. Маҳз ваҳдату ҳамдилӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои стратегии худ - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ба пешрафтҳои назарраси иқтисодию ичтимоӣ ноил гардад.

Қайд карда шуд, ки вазифаи муҳими ҷомеа тарбияи солими насли наврас, бахусус ҷавонон мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ тарбия ёбанд ва аз таъсири андешаҳои ифротгароӣ ва ҳаракатҳои бегона эмин нигоҳ дошта шаванд.

Сипас адабиётшинос Нозим Нурзода дар бораи таърихи пайдоиши ҷашни Наврӯз, аҳамияти фарҳангӣ ва суннатҳои неки он суханронӣ намуда, нақши ин ҷашни бостониро дар рушди фарҳанги миллӣ шарҳу тавзеҳ дод.

Дар идома, сардори шуъбаи тарҷумаи Бонки миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Баротзода Султон Ҳасан дар бораи яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти классикии тоҷик - Робиаи Балхӣ ва тасвири баҳору Наврӯз дар эҷодиёти ӯ суханронӣ кард.

Дар қисмати фарҳангӣ-фароғатии чорабинӣ намояндагони созмони ҷавононии бонк ва санъаткорони шинохта бо қироати шеъру таронаҳои наврӯзӣ фазои идонаи ҳамоишро боз ҳам гарму самимӣ гардониданд.

Қобили қайд аст, ки тибқи анъанаи нек, дар доираи чорабинии тантанавӣ ғолибони мусобиқаҳои варзишие, ки бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз миёни воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардида буд, бо диплому ҷоиза ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Шуъбаи матбуоти БМТ





КАҶ ШИНЕМУ РОСТ ГЎЕМ

Гузаштагони мо мақому моҳияти бузурги созандагиву пайвандгарии роҳҳоро ба назар гирифта, дар тамоми давру замон барои бунёди роҳу пулҳо ва нақбҳо саъйу талош варзидаанд, ки «Ҷодаи бузурги Абрешим» намунаи барҷастаи чунин офаридаҳост.

Воқеан, роҳҳо на танҳо масофа, балки қалбҳоро ба ҳам наздик месозанд. Ба бахти мо, тоҷикон, бо талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ раванди созандагиву бунёдкориҳо дар сартосари кишвар вусъати тоза касб карданд. Ҳамватанони мо таҳти роҳбарии сарвари хирадманди худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳоеро ба анҷом расониданд, ки тӯли садсолаҳо дар орзуяшон будем. Кӣ гумон мекард, ки дар як муддати кӯтоҳ, ба мушкилоти иқтисодӣ ва буҳрони



ҷаҳонии молиявӣ нигоҳ накарда, мо нақби Анзобро, ки баъдан бо пешниҳоди Сарвари давлат «Истиқлол» ном гирифт, ба истифода медиҳему мардум бемалол тамоми фасли сол аз ҷануб ба шимол ва аз шимол ба ҷануб равуо карда, мушкилоташонро рафъ месозанд?

Мо азобҳои дар роҳҳои пурпечутобу хатарноки Душанбе - Хуҷанд, махсусан ағбаи Анзоб кашидаамонро ҳеҷ вақт аз ёд намебарорем. Зеро дар ин роҳҳои ноҳамвор даҳҳо ҳамдиёронамон ҷонҳои ширини худро аз даст додаанд. Модарон гирён, фарзандон нолон гардида, арӯсон либоси мотамӣ ба бар кардаанд. Худ шоҳиди ҳол будам, ки мардум ҳафтаҳо ё дар Майхӯра ва ё дар мавзеи «Ветерок»-и ноҳияи Айнӣ шабҳоро рӯз мекарданд. Аз ин лиҳоз, нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанокро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд кори осон пиндорем. Фаромӯш накардаем, ки то ба зиммаи IRS вогузор шудани нигоҳдории роҳи мазкур он ҳамасола 7 моҳ баста буд. Ронандагону мусофирон дар ин масир бо чӣ мушкилот мувоҷеҳ мешуданд, аз лавҳи хотирот зудуда нашудаанд.

Муҳим он аст, ки солҳои охир ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва масъулиятшиносии кормандони филиали ширкат роҳ, ба истиснои чанд рӯз, он ҳам дар мавсими тармафароӣ бо мақсади таъмини бехатарии шаҳрвандон, дигар умуман баста намешавад. Бинобар ин, шаҳрвандон бояд омилҳои зикршударо ба назар гиранд, ҳақиқатро эътироф намоянд ва ба заҳмати кормандони IRS арҷ гузоранд.

Чанде пеш шоҳиди бевоситаи масъулиятшиносии кормандони ширкати IRS гардидам. Сафари камина тавассути ин ҷода ба замоне иттифоқ афтод, ки пуршиддату давомдор боридани барф ва тамоюли афзоишро касб намудани тармафароӣ боиси ба мушкил мувоҷеҳ гардидани ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои кишвар гардид. Чунин ҳолат бештар дар роҳи Душанбе - Чаноқ ба мушоҳида расида, тибқи иттилои маркази матбуоти IRS, муддати зикршуда дар ин масир 179 тармаи хурду бузург фаромад. Дидам, ки тармафароӣ асосан аз километри 41 то 160-уми роҳи мазкур (ҳудуди ноҳияҳои Варзобу Айнӣ)



зикршуда зиёда аз 50 техникаву механизм сафарбар шуда, бартарафсозии тармаҳо ҳатто шабона қатъ нагардид. Чун шиддати боришот ва теъдоди тармаҳо дар ин масир собиқа надошт, ин ҳолат барои роҳбарият ва кормандони IRS шабеҳи боз як имтиҳони чиддӣ буд. Бо истинод ба корҳои анҷомёфта метавон гуфт, ки онҳо ин имтиҳонро низ чун ҳарвақта сарбаландона гузаштанд. Маҳз ба шарофати меҳнати шабонарӯзии кормандони ширкати IRS, ки нигоҳдории роҳи мазкур ба зиммаш вогузор аст, дар муддати кӯтоҳ тармаҳо бартараф ва роҳ боз гардид. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки муваққатан маҳдуд гардидани ҳаракати автомобилҳо дар масири зикршуда, пеш аз ҳама, ба таъмини бехатарии шаҳрвандон вобаста буд. Вагарна, ширкат ба ҳеҷ ваҷҳ ҳавасманди қатъ шудани гузариши воситаҳои нақлиёт тавассути ҷодаи мазкур нест.

Якҷо бо дигар мусофирон шоҳиди ҷаҳду талоши директори IRS Нодирҷон Сафаров гардидем, ки дар маҳали тармафароӣ



раванди корро бевосита роҳбарӣ кард. Омили дигаре, ки месазад махсус таъкид кард, аз ҷониби кормандони IRS ба ронандагону мусофирон бетаъхир расонидани кумак барои интиқоли ёфтанашон ба макони бехавф ва тақсим намудани хӯрок ба ронандагону мусофирон аз ҷониби филиали ширкат буд. Ин омил шаҳодати он аст, ки роҳбарияти ин ширкат ба арзишҳои инсонӣ таври шоиста арҷ мегузоранд. Дар ин замина, ҳамчун мусофир бори дигар ба масъулиятшиносии роҳбарият ва кормандони филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутмаин гардидам. Ҳамсафарони ман эътироф карданд, ки мепиндоштем масъулини IRS вобаста ба боришот ва тармафароӣ ҳангомасозӣ мекунанд, вале воқеиятро бо чашми худ дидему ба даҳшат афтодем. Шаҳомату бардавомии тармафароӣ, аз ҷумла баландиву паҳноӣ ва ҳатто ба дохили галереяҳо роҳ ёфтани онҳоро бо сухан иброз намудан ғайриимкон аст. Дар ин вақт ягона умед чароғҳои равшани техникаҳои пуриқтидори Ширкат буд, ки ба маънои томаш ба дили ронандагону мусофирон шуълаи умед мекиштанд. Ин муболиға нест, дар нимашаб, замоне ки ҳама масти хобанд, кормандони IRS баҳри кушода будани роҳ шабзиндадор буданд. Чунин масъулиятшиносӣ буд, ки касе аз мусофирону ронандагон осеб надиданд, инчунин, ба ягон автомобил зарар нарасид.

Пас чаро мо аз филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдор набошем? Чаро масъулиятшиносиву шабзиндадориҳои онҳоро арҷгузорӣ накунем? Нигоҳдории роҳ рисолату вазифаи онҳо аст, вале эътироф бояд кард, ки аз уҳдаи иҷрои вазифа на ҳар кас баромада метавонад. Мардона бояд эътироф намоем, ки имрӯз бо шарофати фаъолияти пурмаҳсули Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» чунин харочот ва хатарҳо бартараф шуда, аҳолӣ тамоми сол аз истифодаи роҳи автомобилгарди ба меъёрҳо ҷавобгӯй баҳраваранд. Муҳим он аст, ки маҳз дар заминаи ҷаҳду талош ва меҳнати шабонарӯзии кормандони ширкати мазкур аз оғози фаъолият инҷониб роҳи мазкур умуман баста нест. Боиси нигаронӣ аст, ки баъзе ронандагон одитарин қоидаҳои ҳаракат дар роҳро риоя наменамоянд. Маҳз бо ҳамин сабаб баъзе мушкилот, аз ҷумла роҳбанд (танбашавӣ) ба вуҷуд меояд, ки мардуми аз асли воқеа ноогоҳ ба он баҳои яктарафа медиҳанд. Харидории мошину техникаҳои замонавӣ барои нигоҳдории роҳ далели возеҳи он аст, ки IRS дар нигоҳдории роҳ «хасис» нест. Маҳз мавҷудияти ҳамин гуна техникаҳои пуриқтидор замина фароҳам овард, ки ҳатто рӯзҳои пурбарфтарини фасли зимистон ҳаракати нақлиёт дар шоҳроҳ таъмин гардад.

Миёни мардуми тоҷик мақоли хубе ҳаст, ки «каҷ шину рост гӯй». Навиштани мақолаи мазкур низ аз ҳамин омил маншаъ гирифтааст. Дар маҷмуъ, моро мебояд ба дилхоҳ масъала одилона баҳо дода, шукронаи рушди бардавоми кишвари азизамонро намоем.

Анвари ҲОҶИМАНСУР,
собиқадори соҳаи журналистика, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЁДЕ АЗ ХУДОЙҚУЛ ҲАМРОҚУЛОВ

25-уми март зодрӯзи яке аз бунёдгузорони мақомоти гумруки Тоҷикистон, собиқадори мақомоти амният, шодравон генерал-майор Худойқул Ҳамроқулов мебошад. Эшон 2 сол аст, ки дар байни мо нестанд…



Ҳар лаҳза мегирад хумор,
ёд аз Худойқул мекунам,
Ҳар гаҳ равам сӯйи мазор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Дар меҳвари одамгарӣ мислаш
надидам одаме,
Буд мактаби ӯ нангу ор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Меҳвар буду меҳваршинос,
дар меҳвари инсонгарӣ,
Бемислу беҳамто ба кор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Бо пиру барно ҳамнишин,
фарқе набуд дар матлабаш,
Дар зиндагӣ оинадор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Дар хизмати халқу Ватан содиқ
буду соҳибватан,
Ҳар гаҳ маро гирад хумор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Гавҳар буду гавҳаршинос дар
интихоби кадр ӯ,
Бо содиқони ин диёр,
ёд аз Худойқул мекунам.

Ду сол шуд аз рафтани
Устоди беҳамтои ман,
Бо қалбу ҷони бекарор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Бо қудрати қадри сухан як
зарра ҳастам бо Ватан,
Дар ин Ватан бо ифтихор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Дар ҳар баҳори зиндагӣ
табрик мекардам варо,
Бо рангу бӯйи ин баҳор
ёд аз Худойқул мекунам.

Аз хотири хотираҳо мондаст
меҳраш дил ба ҷо,
Оҳе Набӣ аз дил барор,
ёд аз Худойқул мекунам.

Абдунабӣ Амонов,
ш. Маскав

СУМАНАК – МАНБАИ САЛОМАТӢ



Суманак яке аз таомҳои қадимтарин ва рамзии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад, ки асосан дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз омода карда мешавад. Ин таоми миллӣ аз гандуми сабзкардашуда тайёр шуда, на танҳо арзиши фарҳангӣ дорад, балки аз нуқтаи назари тиббӣ низ барои саломатии инсон фоидаи зиёд дорад. Дар тиби муосир ва инчунин дар тиби анъанавӣ маҳсулоти аз гандуми сабзкардашуда ҳамчун манбаи табиии витаминҳо ва моддаҳои ғизоӣ арзёбӣ мегардад.

Асоси суманак гандуми сабзкардашуда мебошад. Дар раванди сабзидани гандум дар таркиби он тағйироти биохимиявӣ ба амал меоянд. Дар ин марҳила миқдори витаминҳо, махсусан витаминҳои гурӯҳи В, витамини Е ва моддаҳои антиоксидантӣ зиёд мегардад. Ин моддаҳо барои фаъолияти дурусти системаи асаб, беҳтар шудани мубодилаи моддаҳо ва нигоҳ доштани саломатии умумии организм аҳамияти калон доранд.

Аз нуқтаи назари тиббӣ суманак дорои як қатор хусусиятҳои муфид мебошад. Пеш аз ҳама, он манбаи хуби энергия ба ҳисоб меравад. Карбогидратҳои табиӣ, ки дар таркиби гандуми сабзшуда мавҷуданд, ба организм нерӯи устувор медиҳанд ва фаъолияти ҷисмонӣ ва зеҳниро беҳтар месозанд. Аз ин рӯ, истифодаи суманак махсусан барои кӯдакон, донишҷӯён ва шахсоне, ки бо фаъолияти зеҳнӣ машғуланд, муфид мебошад.

Илова бар ин, суманак ба фаъолияти системаи ҳозима таъсири мусбат мерасонад. Наҳҳои ғизоӣ (клетчатка), ки дар таркиби гандум мавҷуданд, кори рӯдаҳоро беҳтар намуда, ба пешгирии қабзият мусоидат мекунанд. Маҳсулоти аз гандуми сабзкардашуда инчунин ба ташаккули микрофлораи муътадили рӯдаҳо мусоидат мекунад, ки ин барои саломатии системаи иммунии инсон хеле муҳим аст.

Суманак инчунин дорои миқдори муайяни минералҳо, аз ҷумла оҳан, магний, фосфор ва калий мебошад. Оҳан барои ташаккули гемоглобин ва пешгирии камхунии норасоии оҳан аҳамияти калон дорад. Магний ва калий ба фаъолияти муътадили дилу рагҳо ва системаи асаб мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, истеъмоли муътадили суманак метавонад барои нигоҳ доштани саломатии дилу рагҳо низ муфид бошад.

Ҷиҳати муҳими дигари суманак мавҷудияти антиоксидантҳо мебошад. Антиоксидантҳо хӯчайраҳои организмро аз таъсири радикалҳои озод муҳофизат мекунанд ва ба суст гардидани равандҳои пиршавии организм мусоидат менамоянд. Ин моддаҳо инчунин метавонанд дар паст кардани хавфи баъзе бемориҳои музмин нақш дошта бошанд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки суманак маҳсулоти табиӣ буда, дар раванди тайёр кардани он одатан ягон моддаи сунъӣ истифода намешавад. Ин хусусият онро ҳамчун як ғизои солим ва аз лиҳози экологӣ тоза муаррифӣ мекунад. Аммо истеъмоли он бояд муътадил бошад, зеро суманак дорои миқдори муайяни қандҳои табиӣ мебошад ва барои шахсони гирифтори баъзе бемориҳо, масалан диабети қанд бояд бо эҳтиёт истифода шавад.

Ҳамин тавр, суманак на танҳо як таоми миллии марбут ба анъанаҳои мардумӣ мебошад, балки аз нуқтаи назари тиббӣ низ дорои арзиши баланди ғизоӣ ва саломатӣ мебошад. Истеъмоли муътадили он метавонад ба беҳтар гардидани мубодилаи моддаҳо, фаъолияти системаи ҳозима, тақвияти масуният ва нигоҳ доштани саломатии умумии инсон мусоидат намояд. Аз ин рӯ, суманакро метавон на танҳо ҳамчун рамзи ҷашни баҳорӣ, балки ҳамчун ғизои муфиди табиӣ барои саломатӣ арзёбӣ кард.

Ш. З. АЗИМОВА,
табиб, ассистенти кафедраи бемориҳои кӯдаконаи №1 ба номи профессор Аминов Ҳ. Ҷ.

ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОИИ РАВҒАНИ ЗАРД

Равғани зард ё равғани ҳайвонот навъи равғане мебошад, ки онро аз таркиби равғани шири гов, гӯсфанд ва буз пас аз гарму гудохта кардан ба даст меоранд.

Муҳимтарин хусусияти равғани зард он аст, ки он масунияти баданро мустаҳкам намуда, эҳтимоли гирифтор шудан ба сироятҳои гуногуни вирусиро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон он давои хуб барои рафъи сӯхтагӣ, доғ ва илтиҳоби пӯст мебошад.

Ҳангоми коркард ҳама моддаҳои зараровар дар равған ҳал мешаванд ва танҳо моддаҳои фоиданок боқӣ мемонанд. Ба гуфтаи мутахассисон, равған дорои витаминҳои В, инчунин А, Е, D, РР мебошад. Ин маҳсулотро ба шир андохта, нӯшидан хуб аст. Ин нӯшокӣ роҳҳои нафасро мулоим намуда, барои рафъи сулфа кумак менамояд.

Равғани зард аз чиҳати хусусияти давоӣ аз маска қавитар мебошад. Агар онро бихӯранд ва гузошта банданд, варамҳоро хуб мекунад ва гирехҳои баданро мекушояд.

Ба гуфтаи мутахассисон, миқдори як бор хӯрдан аз равғани зард дар як рӯз то 50 грамм аст. Қуввати поксозандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дар равғани зарди кӯҳна назар ба равғани нави он зиёдтар аст.

Агар ин равғанро ҳафт шаб пай дар пай ба рухсора молида бихобанд, пӯсти рӯйро пок, некӯ ва соф мегардонад, инчунин маскаро ҳам бо чунин усул бимоланд, ҳамин гуна фоида дорад.

Тавре мутахассисони соҳаи тиб иброз медоранд, онҳое, ки бо холестерини зиёд дар бадан мушкилӣ доранд, бояд донанд, ки равғани зард нисбат ба маска намунаи солимтар маҳсуб мешавад. Зеро дар равғани зард нисбат ба маска равғаннокӣ камтар аст, ба ин хотир он дар бадан хубтар ҳазм мешавад.

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта барои оғоз намудани кори нав чандон мусоид нест, беҳтараш дар ин айём аз пайи амалӣ намудани нақшаҳои пештар кашидаатон шавед. Аз рӯзи чоршанбе то рӯзи ҷумъа коратон дар ҳама самтҳо барор мегирад.

Савр
21.04 - 21.05

Аз рӯзи чоршанбе то ҷумъа давраи авҷи кушода шудани розҳои ниҳон аст. Дар ин рӯзҳо забонатонро қулф зада гардед, сирру асрори худро дар назди ҳар касу нокас накушоед. Дар корхона ё хонаатон баъзе нофаҳмиҳо сар зада, асаби шуморо хароб месозанд.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаро аз кори асосӣ оғоз намоед. Нимаи дуюми ҳафта дар бораи атрофиёнатон маълумоти зиёд ба даст оварда, чашматон кушода мегардад ва дӯстро аз душман фарқ мекардагӣ мешавед. Баъди шунидани хабарҳои нав шояд аз баъзе дӯстонатон ҷудо шавед.

Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта ба касе чизе ваъда дода бошед, ҳатман ба қавлатон вафо кунед. То рӯзи чоршанбе дар гузоштани қадами аввал дар масъалаҳои чиддию тақдирсоз эҳтиёт бошед. Зиракиро аз даст надода, пеш аз он, ки пешниҳоди наверо қабул мекунед, ҳама тарафҳояшро санҷида бинед.

Асад
23.07 - 22.08

Рӯзҳои душанбе ва сешанбе барои пайдо намудани ҷойи кори нав мусоид аст. Аз нишон додани дастовардҳои худ шарм надоред. Рӯзи панҷшанбе ба мушкили атрофиён мароқ зоҳир кардан мумкин аст, вале ба ҳаёти шахсии дигарон бинӣ нахалонед.

Сунбула
23.08 - 22.09

Барои расидан ба қуллаи мурод шумо бояд касбу кори наверо аз худ намоед. Эҳтимол як қисми нақшаҳои кӯҳнаро барбод дода, бар зарари худ амал карданатон лозим ояд. Рӯзи панҷшанбе дар бахсу мунозираҳо худро ҳақ шуморида, рақибонатонро зиёд зери танқид нагиред.

Мизон
25.09 - 22.10

Аз рӯзи чоршанбе то ҷумъа корҳоятон чандон барор намегиранд. Эҳтимол чизеро аз даст медиҳед ё умедҳоятон барабас мераванд, вале озурда набошед, тавре мегӯянд: «Ҳазор дар баста бошад ҳам, албатта як дари кушода ҳаст». Саросема нашуда, пешниҳоду вариантҳои гуногунро бинед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Давраи санҷишҳо хотима ёфта, вақти ғолибият фаро мерасад, агар ҳама корро бо табъи болида ва дили пур оғоз намоед, тамоми корҳоятон барор мегиранд. Кӯшиш намоед, ки вақтатонро бештар ба корҳои эҷодӣ бубахшед, зеро давраи чӯшу хурӯши илҳом аст.

Қавс
25.11 - 21.12

Ситораҳо ба зодагони бурҷи қавс ниҳоят эҳтиёткор буданро маслиҳат додаанд. Дар куҷое, ки набошед, ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед, зеро як ҳарфи ноҷо балои ҷонатон мегардад. Пеш аз он, ки кореро оғоз менамоед, ҳамаашро дар тарозуи ақлатон баркашида, баъд хулоса бароред.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Барои издивоҷ намудан айёми хуб аст. Метавонед бо дили пур ба шахсе, ки кайҳо боз дӯсташ медореду дар орзуи васлаш ҳастед, изҳори муҳаббат намоед. Аз рӯзи чоршанбе то ҷумъа дар коргоҳатон тавре вонамуд кунед, ки хабарҳои ногаҳонӣ шуморо дар ҳоли ногувор нагузоштаанд.

Далв
21.01 - 19.02

Атрофиёнатон ин ҳафта аз шумо бисёр чизҳоро меомӯзанд. Дар ҷодаи муҳаббат зодагони бурҷи далвро сюрпризи аҷоибе интизор аст. Як шиносоии тасодуфӣ метавонад оташи ишқу муҳаббатро дар дилатон аланга диҳад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта имкони иваз кардани ҷойи корро пайдо мекунед, вале пеш аз он, ки пешниҳоди навро қабул мекунед, нағзакак андеша намоед, ки оё аз уҳдааш мебароед ё не. Ваъдаҳои хушку холӣ надиҳед ва бореро, ки тоби бардоштанашро надоред, бар дӯши худ нагиред

ХЕШТАНШИНОСУ РАВШАНФИКР

Ёде аз шодравон Лоиқ Шералӣ

Шодравон Лоиқ Шералӣ, ки доди суханворӣ дода, дар ҷаҳони форсизабон ҳамчун шоири бузург шинохта шудааст, зодаи кӯҳистону тарбиятдидаи обу ҳавои беғаши деҳа аст. Мафҳуми қудсии зодбумро дар хоки поки остонаи падару модар, аз хушхонии кабкҳои дарӣ, накҳати гуворои арчаҳои сарсабз, садои чашмаҳои мусаффо, тамошои гулҳои зирку ғӯшу муша, аз лаззати тути балхӣ, чормағзу себи самарқандӣ эҳсос кардааст. Аз ин рӯ, дар ашъори безаволаш меҳри поки онро бо ҳиссиёти хеле волои шоирона таннум кардааст.



Устод Лоиқ меҳмони Қосимободи Навобод. Дар акс: омӯзгорон Нуриддин Шарифзода, Қосимов Муҳаммадшариф ва Раҷаббойи Завронӣ ҳангоми гусели устод.

Деҳаи зебоманзари Мазори Шариф дар доманаи кӯҳҳои Зарафшон, ки ба силсилакӯҳҳои Ҳисор васл мешаванд, чун нигини ангуштарӣ аст, ки бо сад рангу тобиш ҷило медиҳад. Пайроҳаи зиндагии Лоиқ аз ин макони биҳиштосо оғоз ёфтааст ва чашми ибратбини ӯро маҳз ҳамин деҳаи кӯчак ба олами фарроҳи суханварӣ боз карда буд:

Ибтидои ман деҳи хурди Мазор
Интиҳои ман ҷаҳони беканор.

Лоиқ дунёи шеъри форсиро тасхир карда бошад ҳам, аз диёри азиз, зодбуми айёми тифлӣ гусаста набуд ва дар ашъори безаволаш онро бо муҳаббати ширину гуворо ситоиш мекард:

Бачагиям бе касу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт.
Доманаш аз хӯша пур аз
домани саҳро гузашт...

Хизмати Лоиқ дар адабиёти тоҷик дар он аст, ки дар айёме, ки назми дурӯғин маснаднишин буд, шеъри заминӣ, воқеӣ ва содаю гуворо бо забони ширину гуворо офарид, ба як маънӣ шеъри тоҷикро ба асли он, ба назми ҳазорсолаи классикӣ пайванд дод. Ҳамин аст, ки ӯ аз ҷавонӣ дар олами форсигӯён ангуштнамо шуд.

Лоиқ шеъре офарид, ки ҳастии ҳақиқӣ, зиндагии мардумро бо тамоми латофату зебоияш, шебу фарозаш, дарду аламаш, каму костиаш сода, самимӣ ва равон инъкос мекард. Фалсафаи шеъри ӯро ҳаёти абармардони илму фарҳанг, мероси гаронбаҳои ниёгонамон, зиндагии суннатии мардуми тоҷик, муҳаббат ба Тоҷикистони камзамину саросар кӯҳсор, вале биҳиштосо ташкил медиҳад.

Қасдам аз шеъру шоирӣ ин аст,
Доди худ воситонам аз олам.
То ки қадре баланд бардорам
Шеърро ҳам баробари одам...

Тоҷикистон!
Зи санги куҳсорат
Ёдгорӣ на пайкара хоҳам.
Балки аз ҳар ситеғу ҳар саҳра,
Аз ҳама водию дара хоҳам,
Ки ҳама сангҳои кӯҳистон,
Хомӯширо зи хеш бифшоранд.
Шеърро, шеъри хубро дар худ
Сабт созанду зиндатар
доранд.

Давраи ҷавонӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодии Лоиқ ба замоне рост омад, ки асари Расул Ғамзатов “Доғистони ман”, асарҳои оҳанги худшиносии миллидоштаи Чингиз Айтматов, ашъори нави Муъмин Қаноат чоп мешуданд ва дар замири ҷавонони рӯшанфикру худшинос муҳаббат ба Ватан, мероси ниёгон, забони поки модарӣ, фарҳанги оламгир, илму ирфон, туғёни барои шинохтани халқи худ ҷӯш мезад. Лоиқ аз аввалин ҷавононе буд, ки дар ашораш ба мавзуи худшиносии миллӣ рӯ овард ва муваффақ ҳам шуд. Ашъори Лоиқ девони худшиносӣ ва худогоҳии миллати тоҷик аст ва дар ин шакке нест.

Ба банда саодате насиб гардидааст, ки бо устод Лоиқ шиносоии наздик доштам ва борҳову борҳо бо эшон ҳамнишин будам. Чун дар арафаи 85-солагии устод қарор дорем, ду-се хотираи замони ҳамнишинӣ бо эшонро ба ёд меорам.

Лоиқ зодгоҳашро хеле дӯст медошт, ҳар як пайроҳаю навою адир, талу теппаҳои онро медонист. Ҳар гоҳ ки ба Панҷакент биёяд, аввал дар Мазори Шариф истироҳат карда, баъдан ҳатман ба деҳаи Навобод, ба мавзеи Қосимобод ташриф меовард. Қосимобод дар лаби канали Марғедар воқеъ буда, шаршараи аҷиб зебо дорад. Нишастан дар канори он, зери сояи дарахтон ба инсон рӯҳу накҳати тоза мебахшад. Ҳар гоҳ ки Лоиқ ба ин мавзеъ меомад, дӯстонаш аз ҳар тараф гирд омада, суҳбат меоростанд ва мухлисонаш мекӯшиданд ба устоди шеър хизмат кунанд. Лоиқ бо вуҷуди шуҳратёр буданаш хеле хоксор ва рафиқи мушфиқу меҳрубон буд. Баробари расидан ба Навободу ҷой гирифтан дар Қосимобод амр мекард, ки ҳатман маро пайдо кунанд. Банда ба хизмати шоири миллат шитофта, соқиномаҳо, ғазалҳои Ҳофизу Туғралро барояш қироат мекардам. Лоиқ аз шеъри нобу классикон лаззат мебурд. Банда ба иллати захми меъда аз бисёр таомҳо ва машрубот парҳез мекардам. Лоиқ гоҳо шӯхиомез мегуфт, ки “ту фариштаи ҳастӣ, нафс надорӣ!”.

- Шоиро, бишнав ки ҳазрати суханофар чӣ гуфтааст,- мегуфтам бо овози марғуладор ба маҳофили гузаштагон тақлид карда:

Фариштаи ишқ надонад,
ки чист, эй соқӣ,
Бихоҳ ҷому гулобе ба хоки
Одам рез.

Қадру қимати волои неъматҳои офаридагонро танҳо инсон медонад, ки чист зеро офаридагор ба инсон нафс ва аз ҳама бузургтарин неъмати ноёб - ақл додааст. Ба ҷуз ақлу хирад ба баъзе бандагони баргузидааш истеъдоди вахӣ ато кардааст. Шумо, Лоиқ, инсони баргузида ҳастед, ки баҳри шумо Офаридгор суханони воло додааст... Лоиқ, ки хеле хоксор буд, аз чунин тавсифҳои ман шарм мекарду бо шӯхӣ идома медод: “Таъриф мефоридааст”. Ҳама бо завқ механдидем, вале Лоиқ арзандаи ҳама тавсифҳо буд...

Боре дар деҳаи Ғӯсар як марди сарватманд хатнасури писарашро бо шукӯҳ баргузор мекард ва Муродбек Насриддинов, Афзалшоҳ Шодиев ва Аслиддин Мастонов ба давра шукӯҳу шаҳомат мебахшиданд. Дере нагузашта Лоиқ Шералӣ, Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод ва Сармад ворид шуданд. Соҳибҷашн аз Лоиқ хоҳиш кард, ки гардонандагии ин шабнишиниро ба уҳда гирад. Лоиқ ба атроф нигарист ва назараш ба се нафар муаллимони деҳа - Илёс Абӯнасров, Муҳаммадмурод Муҳаммадиев ва ман афтод ва ба соҳибҷашн тавсия дод, ки ана ҳамон муаллим даврараро зебу оро медиҳад.

Ман он вақт лоғару назарногир будам. Соҳибҷашнҳо ба сӯйи мо омада, муаллимони дар паҳлуи ман бударо ишора карданд, вале Лоиқ аз ҷо бархост ва маро нишон дод... Соҳибхона бо шубҳа ба ман менигарист, вале фармудаи устод Лоиқро рад карда наметавонист.

Чун ба назди баландгӯяк рафтам, шеъри Лоиқ - “Нӯшбод”-ро қироат кардам. Ӯ ба ваҷд омад ва аз ҷо боло шуда, ба назди баландгӯяк омаду давоми шеъро қироат кард ва гуфт: “Худованд ба ту забони гӯё ато кардааст, ки чунин зебову муассир шеър мехонӣ”...

Вуҷуди моро эҳсосоти аҷибе фаро гирифту бо сари баланд маъракаи шабнишиниро баргузор кардем.

Як хотираи дигар аз солҳои пурошӯби кишварамон дорам. Дар Душанбешаҳр конференсияи илмӣ-амалии омӯзгорон мегузашт. Дар хотима иштирокчиён бо адибону олимон вохӯрӣ ташкил карданд. Он солҳо ҳама сиёсатзада буд. Дар ин ҷаъомад ҳам, баъзе атрофи суханварони номӣ Гулрухсор ва Бозор Собир аз фалахмони сиёҳ санги маломот парто фтанд. Лоиқ дар минбар бо сари хам менишаст, вале дигар ба таънаю маломоти ҳамқаламонаш тоб оварда натавонисту чун ҳайкал аз ҷой хест. Аввал дар бораи шеъри Гулрухсор суханҳои нек гуфт, баъдан васфи Бозор Собир кард. Дар бораи шеъри “Забони тоҷикӣ”-и Бозор Собир сухан гуфта, аз минбар маро садо карда, гуфт, ки ин шеърро қироат кунам. Вуҷудамро ҳиссиёти тарс фаро гирифт. Ба ҳар ҳол худамро ҷамъу ҷӯр карда, шеърро қироат кардам. Тамоми нишастагон аз ҷой боло шуда, қарсак заданд, вале он сиёҳкорон аллакай толорро тарк карда бурданд. Лоиқ бо шодмонӣ дастамро фишурд.

Чунин инсони самимӣ, заминӣ ва дурандешу ростқавлу поквиҷдон буд Лоиқ Шералӣ.

Нуриддин ШАРИФЗОДА,
омӯзгори собиқадор,
деҳаи Навободи
шаҳри Панҷакент

МАВЛУДНОМА

19 МАРТ

Баҳром Ҳайдаров (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Ҳоҷӣ Мирзобоев (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

20 МАРТ

Зебиҷон Абдуллоева (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Файзулло Ансорӣ (1931-1985), 95-солагии зодрӯзи шоир, драматург.

Ӯктами Иброҳим (1956-2022), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Эмоми Назариён (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Субҳиддин Сайфиддинов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Султоналӣ Худойбердиев (1956), 70-солагии зодрӯзи санъатшинос, профессор.

21 МАРТ

Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974), 115-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Олия Юсуфова (1931), 95-солагии зодрӯзи Китобдори хизматнишондодаи Тоҷикистон.

22 МАРТ

Имматшо Имматшоев (1966), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

Гулнора Комилова (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Мирзоюсуф Тоҳирӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи шоир.

23 МАРТ

Револд Бурҳонов (1926-1990), 100-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Анатолий Попов (1936-1994), 90-солагии зодрӯзи сароянда ва мутриби хор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

24 МАРТ

Яков Гушин (1906-1987), 120-солагии зодрӯзи рассом.

Субҳон Давронов (1931-2001), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Фахрӣ Маликов (1921-1976), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Анваршо Сайфиддинов (1951), 75-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Галина Собирова (1956), 70-солагии зодрӯзи раққосаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ/ ХОНА

➔ Хонаи 2-ошёна, 5 ҳуҷра, 2 сотих замин, бо таъмир, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, тарафи бозори “Кӯшониён”, дохили ҳавлӣ мағоза дорад. Хона бо мағоза фурӯхта мешавад, 2 000 000 сомонӣ, боз савдо мешавад. Тел.: 908-99-19-72

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучин. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

➔ Рӯбучини соатакӣ. Шустани зарфҳо дар чорабиниҳо. Тел.: 110-82-82-10

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

ХИЗМАТРАСОНӢ/ ГУНОГУН

➔ Таъмири капиталии ҳуҷраҳо, аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

➔ Стяжка, обой, кафел, ламинат, гипсокартон, рангубор. Тел.: 88-111-55-93

➔ Штукатурка, шпаклёвка, обой, рангубор, кафел. Тел.: 917-66-08-25, 206-73-73-72

Таъмири яхдонҳо, кондитсионерҳо, мошинҳои ҷомашӯй. Босифат, бо кафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 8Д-4446, аз 18.09.1997, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба номи Абдуллоева Хосиятпочо бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак 2 М 26, хонаи 7, квартираи 10 дода шудааст ва шиносномаи техникии хонаи истиқоматии мазкур гум шудааст.

➔ Аттестаи синфи 11, Т-АТУ №0030057, ба номи Рачабов Беҳруз Муҳаммадович, соли 2014, Гимназияи №9 ба номи Н. Ганҷавӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДТО №0123158, қайд №4962012, ба номи Муродов Борбад Бафоевич, аз 28.06.2012, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Балҷувон", РЯМ: 3330080701, ки Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Дипломи 107705 1098705, рақами бақайдгирӣ №2883, ба номи Рахмихудоева Сайёхат Джамшедовна, аз 22.06.2016, ДСРТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи 107705 1405322, рақами бақайдгирӣ №6641, ба номи Косимов Бахтиёр Фахриддинович, аз 27.05.2019, ДСРТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи нафақавии ХГТ №000832, ба номи Косимов Фахриддин, аз 21.07.2021, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДТК №0318228, қайд №1211, ба номи Рачабова Изатби Файзуллоевна, соли 2025, Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши ҳуҷра дар реестри №8Д-1-119, аз 02.05.1994, ба номи Солиев Диловаршо Сайфиддинович, ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. С. Шерозӣ 75, кв. 30, ки аз тарафи нотариуси давлатии Идораи 3-юми давлатии нотариалии шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

➔ Билети донишҷӯй ба номи Юнусов Нодирчон Зокирчонович, ки аз тарафи МИСИС соли 2025 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира, аз 30.08.2022, таҳти феҳрасти рақами ЗДШ-1776, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе, ба номи Шарипова Мамлакат Бобораҷабовна тасдиқ гардидааст, гум шудааст.

➔ Манзилнома (ордер)-и хонаи истиқоматӣ, протоколи рақами 74, аз 5-уми декабри соли 1990, бо суроғаи кӯчаи Зарафшон М1, бинои 10, ҳуҷраи 87, ки ба шаҳрванд Эшонқулов Эшонқул таалуқ дорад, бо сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

Зодрӯз муборак!

Муҳтарам сардори қисм, Ҷунайдулло Аҳмадзода, бо камоли эҳтиром Шуморо аз номи ҳайати шахсии оташнишонӣ ба муносибати зодрӯзатон табрик менамоем! Ба Шумо саломатии устувор, иродаи қавӣ ва барору комёбиҳои беназир дар фаъолияти хизматӣ орзу дорем. Бигзор роҳбарии оқилона ва заҳматҳои содиқонаи Шумо ҳамеша самараи нек дода, обрӯву эътиборатон боз ҳам баланд гардад. Дар зиндагии шахсӣ бароятон хушбахтӣ, оромии дил ва рӯзгори пур аз шодию баракат таманно дорем.



Бо эҳтироми самимӣ, ҳайати шахсии оташнишонии шаҳраки Сомониёни н. Рудакӣ

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ "Тарабхонаи Зулол" дар ш. Ваҳдат, РЯМ: 0510009565, РМА: 050015288, соли таъсис 2022, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ “Закариё Сохтмон”, РЯМ: 0710013435, РМА: 070020535, санаи таъсисёбӣ 03.10.2025, барҳам мехӯрад.

➔ ҶДММ "Файзи Соро", РЯМ: 0410047825, РМА: 040070815, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

КУДАТОИ НОФАРҶОМ

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Бар асоси як ҳикояти ҳаяҷоновар, як шаб Масъуд дар дарахти бузурге дар ҳавлии хонаводагии ҳуд дар Ҷангалак пинҳон шуд ва дар ниҳоят бародари хурдтараш Аҳмадвалӣ, ки баъдҳо сафири Афғонистон дар Британия шуд, ӯро начот дод. Достон аз ин қарор аст, ки ҳангоми торик шудани ҳаво Аҳмадвалӣ садои хиш-хишро аз миёни шохаҳои дарахт мешунавад ва сипас садои ӯро мешунавад: «Валӣ... Валӣ”. “Аҳмадшоҳ, болои дарахт чӣ мекунӣ?» - «Зуд маро дар хона пинҳон кун. Ин ошӯб кори ту буд?».

Масъуд ба оромӣ аз болои дарахт ба даруни хона рафт ва аъзои хонаводааш низ аз ҳузури ӯ чизе нагуфтанд. Дигар фирориён дар ғоре дар баландии Ҷангалак пинҳон шуда буданд ва Масъуд барои ҷустуҷӯи озуқа барои онҳо ба он ҷо омада буд. Аҳмадзиё, бародари миёнаи Аҳмадшоҳ, ба онҳо ғизо расонд ва онҳо чанд рӯзи дигар тоб оварданд ва бо Масъуд худро ба марзи Покистон расониданд. Ба Пешовар баргаштанд ва аз он ҷо бо бемайлӣ ба маркази сиррии шибҳинизомии ISI дар Чирот рафтанд ва дар миёнаҳои соли 1976 ин марказро ба мақсади Пешовар тарк карданд. Ӯ ба худ фурӯ рафта буд ва дар ин давра бо шиддат китоб мехонд ва се китоби бисёр шигифтангези низомиро чандин бор мутолиа кард. Дар ибтидо навиштаҳои Мао Тсзе Дун дар мавриди роҳпаймоиҳои тӯлонӣ, сипас дар бораи иқдомоти қаҳрамононаи Че Гевара, инқилобии сарсахти аргентинӣ, ки дар пирӯзии Фидел Кастро дар Куба (1959) таъсиргузор буд ва ҳамчунин осори равшанфикри чапгарои фаронсавӣ Режис Дебреро мутолиа кард. Масъуд баъдтар ба ман гуфт: «Аз ҳамаи онҳо омӯзандатар китоби роҳнамои мубориза бо терроризми як генерали амрикоӣ буд, ки номи ӯро ба ёд намеорам».

Ӯ ҳамчунин вақти зиёдеро сарфи хондани китобҳои зерин кард: хотироти генерал Де Гол, генерал Во Нгуен Зяп пирӯзи фаронсавиҳо дар ҷанги “Диен Бьен Фу” ва инчунин як ҳакими чинӣ, ки ба эҳтимоли зиёд Сун Тзу - муаллифи асари шоҳкори таълимот ва стратегияҳои низомӣ бо унвони «Ҳунари ҷанг» буд. Албатта, дар миёни китобҳои мавриди алоқаи Масъуд китобҳои кӯҳани форсӣ, монанди осори тасаввуфи эронӣ низ вуҷуд дошт. Зиндагии чирикӣ бахши аъзами зиндагии ӯро зери сояи ҳуд қарор дод: ибтидо алайҳи Довуд ва сипас коммунистҳои афғон, ба муддати нуҳ соли бисёр тӯлонӣ ва сахт дар баробари ҳаштод ҳазор нафар аз артиши чиҳилуми Шуравӣ ва дар ниҳоят ба муддати шаш сол алайҳи Толибон. Бо вучуди ҳимояти чашмгири Покистон аз Толибон, Масъуд иртиботашро бо Покистон то замони тероршаш дар соли 2001 нигоҳ дошт.

Масъуд ба далели мутолиа дар бораи ҷангҳои чирикӣ фурсати андаке барои корҳои дигар дошт. Фурсати тааммуқи амиқ надошт, то дар он ба сабабҳои шикасти расвоёна дар Панҷшер ва кӯшиши кудетои номуваффақ биандешад. Ба ин натиҷа расид, ки муборизаи исломӣ ё исломгароӣ кофӣ нест; заъфи асосӣ дар нотавонӣ дар қалби ҳимояти мардумӣ буд, ки имрӯз ба аҳамияти он пай бурда буд.

(Давом дорад)

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ПИРӮЗИИ «САРДОР» ВА БОХТИ «РАВШАН» ДАР ДАВРИ ДУЮМ

№			И	Ғ	М	Б	Т/Т	ИМТИЁЗ
1		ВАҲШ	2	2	0	0	4-1	6
2		ҲОСИЛОТ	2	1	1	0	3-0	4
3		САРДОР	2	1	1	0	3-0	4
4		ХУҶАНД	2	1	1	0	2-0	4
5		ИСТИҚЛОЛ	2	1	1	0	1-0	4
6		БАРҚҲӢ	2	1	0	1	3-4	3
7		ИСТАРАВШАН	2	0	2	0	2-2	2
8		РАВШАН	2	0	1	1	2-3	1
9		РЕГАР-ТАДАЗ	2	0	1	1	0-1	1
10		ПАРВОЗ	2	0	1	1	2-5	1
11		КМВА	2	0	1	1	0-3	1
12		ЭСХАТА	2	0	0	2	1-4	0

Даври дуюми Чемпионати Лигаи олии футболи Тоҷикистон чун даври аввал аз ҳангома холӣ набуд. Дар ин давр дар ду бозӣ меҳмонон, дар ду бозӣ соҳибони майдон пирӯз шуданд ва ду бозии дигар мусовӣ анҷом ёфтанд.

Ҳангомаро чун дар даври аввал навдастаи Лигаи олӣ - «Сардор»-и Турсунзода идома дод. Баъди мусовӣ бо «Истиқлол» дар даври якум ин даста дар майдони худ бар дастаи «Парвоз» бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд. Ҳангомаи дигари ин давр дар бозии «Равшан» ва «Баркҳӣ» буд, ки бо ҳисоби 2:3 ба охир расид.

Дар бозии «Истаравшан» бо «Ҳосилот» ва КМВА бо «Хуҷанд» ҳисоб кушода нашуд. «Истиқлол» дар майдони худ «Регар-ТадАЗ»-ро бо ҳисоби 1:0 мағлуб кард.

Дастаи «Вахш» дар сафар бар «Эсхата» ғолиб омад ва бо 6 имтиёз ба садри ҷадвал баромад. «Вахш» ягона дастаест, ки аз ду бозӣ имтиёзҳои пурра ба даст овардааст. «Ҳосилот», «Сардор», «Хуҷанд» ва «Истиқлол» чоримтиёзӣ доранд.

ҶУДО

ШИРКАТИ 7 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР TBILISI GRAND SLAM-2026

Аз 20 то 22-юми марти соли 2026 дар пойтахти Гурҷистон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо "Tbilisi Grand Slam-2026" баргузор мешавад, ки дар он ҷудокорони тоҷик низ ширкат мекунанд.

Ба ин мусобиқа то ҳол 437 ҷудокор (263 мард ва 174 зан) аз 54 кишвари панҷ қораи ҷаҳон номнавис шудаанд. Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон ҳафт ҷудокор шомиланд, ки инҳо Рамзиддин Азизов дар вазни то 60 кг, Ёсин Бобокалонов ва Искандар Маҳмадҳоҷазода дар вазни то 66 кг, Сайфиддин Сайфиддинзода ва Абубакр Шеров дар вазни то 81 кг, Ардашери Ҳамза ва Озарахш Ҳомидов дар вазни то 90 кг ҳастанд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои молии ин мусобиқа 154 ҳазор евро ро ташкил медиҳад. Ғолибон дар ҳар вазн (7 вазн байни мардон ва 7 вазн байни занон) бо 5000 евро, барандагони нишони нуқра бо 3000 евро ва соҳибони нишонҳои биринҷӣ бо 1500-евроӣ мукофотонида мешаванд. Паҳлавонон дар ин мусобиқаи байналмилалӣ ба ғайр аз нишон соҳиби имтиёзҳо дар феҳристи ҷаҳонӣ ва олимпӣ мешаванд.



ҶОМИ ОСИЁ

ТОҶИКИСТОН БАРОИ БОЗӢ БО ФИЛИППИН ОМОДА МЕШАВАД

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Горан Стевановичбарои омодагӣ ба бозии даври ниҳоии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 муқобили Филиппин ҷамъомади тамринӣ баргузор мекунад. Машқҳои даста 23-юми март дар Душанбе оғоз мешаванд.

Бисту панҷ бозигар даъват шудаанд, ки 3 дарвозабон, 10 ҳимоятгар, 8 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагар ҳастанд. Инҳо дарвозабонҳо Рустам Ятимов («Ростов», Русия), Олег Баклов («Турон Товуз», Озарбойҷон), Далер Азизов («Ҳосилот»);



ҳимоятгарон Зоир Ҷӯрабоев («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Меҳрубон Каримов, Сайёди Ковусшо (ҳарду аз «Равшан»), Аҳтам Назаров («Вахш»), Мануҷеҳр Сафаров, Табрез Исломов, Содиқҷон Қурбонов, Алиҷон Кароматуллозода (ҳама аз «Истиқлол»), Фурқон Раҳимзода («Ҳосилот»), Ахмадҷон Шоев («Сардор»); нимҳимоятгарон Парвизҷон Умарбоев («Локомотив», Булғория), Эҳсони Панҷшанбе, Шервонӣ Мабатшоев (ҳарду аз «Теренгану», Малайзия), Алишер Шукуров («Қизилқум», Ӯзбекистон), Амирбек Ҷӯрабоев, Муҳаммадҷон Раҳимов (ҳарду аз «Истиклол»), Ҷовидон Хушвахтов («Баркҳӣ»), Ҷамшед Махсумов («Равшан»); ҳамлаварон Шаҳром Самиев («Ал-Карма», Ирок), Шериддин Бобоев («ПСМ Макассар», Индонезия), Рустам Соиров, Далер Шарипов (ҳарду аз «Истиклол») ҳастанд.

Вахдат Ҳанонов («Сипоҳон», Эрон) бинобар надоштани таҷрибаи бозӣ, нимҳимоятгар Амадонӣ Камолов («Гул Гуҳар») бинобар ҷароҳат доштан дар ин бозӣ ширкат намекунанд. Бозӣ 31-уми март дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор соати 19:00 оғоз мешавад.

ФУТБОЛ

БОЗИҲОИ ЛИГАИ ЯКУМ АЗ МОҲИ АПРЕЛ ШУРУЪ МЕШАВАНД

Ҳафтаи гузашта дар Душанбе маросими қуръакашии тақвими бозиҳои Чемпионати Тоҷикистон-2026 миёни дастаҳои Лигаи якум баргузор шуд.

Дар мавсими нави Лигаи якуми Тоҷикистон, ки дар ду марҳила баргузор мешавад, шонздаҳ даста иштирок мекунанд. Инҳо дастаҳои «Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), «Ҳулбук», «Рахш» (ҳарду аз Восеъ), «Душанбе», «Шоҳмансур» (ҳарду аз Душанбе),



«Шодмон» (Ҳисор), «Рангон» (Рӯдакӣ), «Исфара» (Исфара), «Саразм» (Панҷакент), «Мастчоҳ» (Мастчоҳ), «Сарҳадчӣ» (Ҳамадонӣ), «Моҳир» (Ёвон), «Сомон» (Данғара), «Норак» (Норак) ва «Ҷилликӯл» (Дӯстӣ) ҳастанд.

Мувофиқи қуръакашӣ дар даври якум «Рахш» бо «Исфара», «Саройкамар» бо «Сарҳадчӣ», «Шоҳмансур» бо «Мастчоҳ», «Ҷилликӯл» бо «Душанбе», «Сомон» бо «Ҳулбук», «Саразм» бо «Шодмон», «Норак» бо «Рангон» ва «Моҳир» бо «Панҷшер» бозӣ мекунанд.

Бозиҳои мавсими нав рӯзи 3-юми апрел шуруъ мешаванд ва ҳар даста дар ин мавсим 30 бозӣ баргузор мекунад.

РЕЗААХБОР



Вахдат Ҳанонов дар синни 25-солагӣ аз анҷоми корномаи футболбозӣ дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон хабар дод. Ҳанонов яке аз бехтарин бозигарон дар ҳайати тими мунтахаби Тоҷикистон дар давоми солҳои охир ба шумор меравад, ки ҳоло узви дастаи «Сипоҳон»-и Эрон аст.

***

Мувофиқи изҳороти дастаи КМВА сармураббии испанӣ Хуан Кортес ба сабаби вазъи оилавӣ рухсатии якмоҳа гирифта, ба ватанаш баргаштааст. Аммо дар изҳороти Хуан Кортес гуфта мешавад, ки дигар барои кор ба дастаи КМВА омада наметавонад. «Ба иллати вазъи оилавӣ ман бояд баргардам ва дар ҷойе кор кунам, ки ба хона наздиктар бошад»,- гуфтааст Кортес.

***

Дастаи мунтахаби то 16-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҷаъфар Ахмедов дар чемпионати CAFA-2026, ки аз 4 то 14-уми апрел дар Тошканд баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард. Дар ин мусобиқа дастаҳои наврасони Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон низ барои нишонҳо мубориза мебаранд.

***

Қуръакашии даври пешакии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2026 баргузор шуд. 16 даста аз Лигаи якум дар ин давр иштирок мекунанд. Дар даври ҳаштякниҳоӣ «Моҳир» бо «Ҳулбук», «Сарҳадчӣ» бо «Ҷилликӯл», «Шодмон» бо «Панҷшер», «Мастчоҳ» бо «Исфара», «Сомон» бо «Саразм», «Душанбе» бо «Шоҳмансур», «Рахш» бо «Норак» ва «Рангон» бо «Сарой-Камар» бозӣ мекунанд. Бозиҳои даври якум 21 ва 22-юми апрел ва даври дуюм 12 ва 13-уми май баргузор мешаванд.

***

Конфедератсияи футболи Африқо (CAF) натиҷаи бозии ниҳоии Ҷоми миллатҳои Африқоро бекор карда, тими миллии Сенегалро бо ҳисоби техникӣ мағлубшуда эълон намуд. Ба ҳамин тартиб, пирӯзӣ бо ҳисоби 3:0 бар нафъи мунтахаби Марокаш сабт гардида, ин даста расман соҳиби унвони қаҳрамонӣ шуд.



САГ

Нозири БДА мошинеро манъ мекунад, сари чанбараки он саг нишастааст. Дар нишасттоҳи ақиб мардеро дида, бо қаҳр мегӯяд:

- Ҳой мардак, ту девона шудай? Чаро сагро паси чанбарак шинондӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Айби ман чӣ? Вақте мошинро манъ кардам, сари чанбарак саг менишаст...

МАЙХОРА

Марди чорпаҳлуе дар маърака аз нӯшидани машрубот худдорӣ мекунад. Аз ӯ мепурсанд:

- Чаро арақ наменӯшӣ?

Мард мегӯяд:

- Агар кам нӯшам, ҳолам хуш намешавад. Агар бисёр нӯшам, ҳоли шумо бад мешавад.

ХОБ

Ҷавоне ба дӯсташ мегӯяд:

- Маъруф, ман шаб хоб дидам, ки ба Дубай сафар кардаам.

Маъруф дар ҷавоб:

- Ман бошам, хоб дидам, ки ба оши наҳор рафтаам.

Дӯсташ мегӯяд:

Чаро маро ҳамроҳат набурдӣ?

Маъруф дар ҷавоб:

- Ту дар Дубай будӣ ку!

АКСАРИЯТ

Марде мегӯяд:

- Инсон набояд ба гапи аксарият гӯш андозад.

Аз ӯ мепурсанд:

- Барои чӣ?

Мард мегӯяд:

- Барои он ки ҳатто миллиард магас наметавонанд маро бовар кунонанд, ки ахлот чизи бомазза аст.

ТИРЕЗАШӮ

Табиб ба бемор баъди наркоз мегӯяд:

- Ҷарроҳиро шумо хуб гузаронидед, вале қабл аз он хеле беадабӣ кардед, доду фиғон карда, гурехтанӣ шудед.

Бемор мегӯяд:

- Духтур, охир маро ба беморхонаи шумо тирезашӯӣ оварда буданд!

АЙБИ ЗАН

- Ту ягон бор ҷуръат карда айбҳои занатро ба рӯяш гуфтай?

- Бале.

- Бовар намекунам.

- Марҳамат, барои исботи гапам изи кафидагии сарамро бин...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ГӮШТ АРЗОН ШУД

Ба гапи мардум бовар накарда, ба растаи гӯштфурӯшии бозор рафтам. Дар ҳамаи дӯконҳо навишта шуда буд: “Тахфиф 50 фоиз”. Наход ҳамин қадар арзон карда бошанд? Қассобҳо ҳам ба инсоф омодаанд-дия!

- Ҳайрон нашавед,- гуфт яке аз фурӯшандаҳо.- Дар моҳи шарифи Рамазон нархҳоро хеле арзон кардем. Марҳамат, гӯшти гӯсфанду гов, ҳозир овардем.

- Офарин ба шумо,- гуфтам ман.- Пеш аз моҳи Рамазон нархҳо дандоншикан буд-ку!?

- Мо ҳам аз савоб бебаҳра намонем гуфтем-дия!,- илова намуд фурӯшандаи дигар.- Пас аз моҳи Рамазон ҳам нарх ҳамин хел бокӣ мемонад.

- Мумкин аз ин ҳам арзонтар шавад,- гуфт фурӯшандаи дигар.

- Медонед, дар арафаи иди Рамазон ба бошандагони Хонаи пиронсолон оши Худой карданиам. Ба ғайр аз ин занҳо қарор доданд, ки мантую самбӯсаи гӯштин пухта, ба аёдати пирону беморони маҳалла мераванд. Ҳисоб карда бароям, барои ин камаш понздаҳ килограмм гӯшт лозим.

- Марҳамат ако, марҳамат. Ана ин гӯшти лаҳм. Шумо ки барои кори хайр мегиред, боз арзонтар карда медиҳам,- гуфт фурӯшанда ва гӯштро болои тарозу монд.

Пулашро супурдаму халтаи гӯштро бардоштанӣ шудам, вале қувватам намерасид. Фурӯшанда ҳам ба ман кумак карданӣ шуд.

- Ҳа, ҳа, ҳа, бардоштем.

Ҳамин вақт касе аз манаҳам сахт тела кард. Чашм кушоям, занам худро аз оғӯшам раҳо карданӣ мешуд.

- Э, гӯр хобатон шавад, мардак, чӣ кор карда истодаед?

- Э, занак, хоб бинам нархи гӯшт панҷоҳ фоиз арзон шудааст. Понздаҳ килограммашро гирифта бардоштанӣ шудам. Ҳамин вақт ту бедор кардӣ.

- Тавба, гӯшт арзон мешудааст. Инро фақат дар хобатон мебинед,-гуфту паҳлуи дигар гашт.

Абдулҳамид ҶӮРАЕВ,
ноҳияи Б. Ғафуров, ҷамоати деҳоти Ғозиён

Сканворд

